2.00577
Ш.К

لا اله الا الله محمد رسول الله

# Санги мазор

## Байтҳо барои санги гӯрҳо ва мақбараҳо

Гирдоваранда Лоиқ Шералӣ

# САНГИ МАЗОР

## Байтҳо барои санги гӯрҳо ва мақбараҳо

Гирдоваранда ва муаллифи сарсухан

*Лоиқ Шералӣ*

Нашриёти «Адиб», 1993

ББК 84(0)9
С 28

Муҳаррир *Саидалӣ Маъмур*

С 28 Санги мазор. Байтҳо барои санги гӯрҳо ва мақбараҳо. Гирдоваранда ва муаллифи сарсухан Лоиқ Шералӣ).— Душанбе, «Адиб», 1993. 112 саҳ.

«Санги мазор» баёз ё китоби катибаҳост, ки аз осори бузургони пешин гирдоварӣ шудааст. Ҳар кас аз он байтҳои дилхоҳашро барои санги мазори азизи аз даст додааш пайдо карда метавонад.

Эпитафия.

С $\frac{4702540102-41}{М\,503(12)-93}$ Без объявл.— 1993 ББК 84(0)9

Государственная
респуб. б бл. Тад. ССР
им. А. Фирдоуси
200577
Тодика2

**ЭПИТАФИЯ**

(на тадж. языке)

Мусаввир *Н. Ширинҷонов*
Муҳаррири ороиш *У. Ашуров*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

БИ-1085

Ба матбаа 14. 06. 93 таҳвил гардид. Барои чоп 21. 07. 93 имзо шуд. Андозаи 70×108 1/32. Қоғази нашри № 2. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 4,988. Ҷузъи рангаи шартӣ 5,252. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,442. Адади нашр 30000.

Нашриёти «Адиб», 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Комбинати полиграфии Вазорати матбуот ва ахбор. 734063. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

© Нашриёти «Адиб», 1993

## МАРГ ҲАЁТ АСТ, ҲАЁТ АСТ МАРГ

Гӯристонҳои мо ҳама ҷо харобу валангоранд, на танҳо водии хомӯшон, балки водии фаромӯшон ҳам ҳастанд. Гӯрҳо ба хок яксонанд, санге, ёдгоре, катибае, шӯшае, дарахте дар сари гӯрҳову мақбараву оромгоҳҳо нест. Чашм нарасад, солҳои ахир мардум сари номусу ҳамият омадаанд, поси хотирдориро каме омӯхтаанд, иҳтироми арвоҳро дарёфтаанд ва атрофи қабристонҳоро тавора бастаанд то қабрҳо лагадкӯби сутурон нabошанд. Ҳамчунин ҷо-ҷо дар сари гӯрҳо пораҳои санги мармар ё тахтаҳои бетон ба назар мерасанд, ки дар онҳо калимаи шаҳодат, исми мутаваффо ва баъд байте ё чанд ҳарфи берабте бо миннати «Ёдгор аз фарзандон», «Хотира аз хешовандон» ва ғайра ҳак шудаанд. Гоҳо дар санги мазорҳо байтҳои бемазмун, беҷавҳар, бемоя, бевазн ва бесӯзу гудозе ҳак шудаанд, ки пас аз хондани онҳо кас мехоҳад дубора бар ҳоли марҳум бигиряд, ки бо чунин ҳарфҳои ночаспону нохушоянду ноҷӯри «худсохт» ёд мешавад ва зери санги беранге хуфтааст. Ҳатто фарзандону пайвандон то ба ҷое дилсӯзу посдори мутаваффо ҳастанд, ки дар санги гӯр номашро ғалат ҳак мекунанд...

Аксари мардум дар хонаҳояшон қафасаи китоб надоранд ё барои худнамоӣ чанд китоби арзонбаҳо ва шикастабаҳое дар токчаву рафҳо доранд, ки дигарон

аз китобдӯстии онҳо қазоват бикунанд. Қутуби бузургони шеъру адаби форсу тоҷик дар мағозаҳо зиёданд, чӣ гӯям, ки мардум кам харидорӣ мекунанд, кам мехонанд, аммо дар сӯҳбатҳову маҳфилҳову минбарҳо худро ворис ва ё соҳиби фарҳанги азимушшаъни гузашта медонанд ва аз беифтихорӣ ифтихор мефурӯшанд.

Шояд ба ин иллат аст, ки ба унвони банда номаҳои зиёде меояд то барои лавҳи мазори ин ё он мутаваффо байте бинависам. Дар ин маврид камина андеша мекунам, ки агар дар хонаи мардум кутуби Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ, Умари Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Камоли Хуҷандӣ, Камоли Исфаҳонӣ, Назирӣ, Шавкати Бухороӣ, Ҳилолӣ, Махфӣ, Сайидо, Қалим, Ғании Қашмирӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Бедил, Соиб, Шоҳин... алғараз аз Рӯдакӣ то Мирзо Турсунзода мавҷуд буд, ҳоҷат ба навиштани чунин номаҳо ба унвони банда набуд.

Аммо ман хушбахтам ва воқеият ин аст, ки мардум зиёд чунин номаҳои илтиҷоомез ба нишонии камина ирсол мекунанд, ки байте, дубайтие, қитъае, рубоие иншо кунам махсус барои санги гӯри фалону баҳмон. Албатта, то ба ҷое даст ёфтаам, ба чунин номаҳо посух додаам, яъне байтҳое навишта ба ниёзмандон фиристодаам, нусхаи байтҳоро дар шикани номаи хоҳишгарон гузоштаам барои бойгонии худ... аммо охир намешавад, ки ҳар рӯз байти катиба навишт, чун зиндагӣ абадист ва марги одамӣ ҳам абадист. Билохира ба чунин натиҷа расидам, ки бояд китоби китобаҳо ё катибаҳо аз осори бузургони пешин гирдоварӣ бикунам то аз он мардум нусхае дар даст дошта бошанд ва ҳар вақте ниёз афтод, ба он муроҷиат бикунанд, байти дилхоҳ, гирандаю ҷаззоби дархӯрди ҳоли азизи аз даст додаашонро пайдо кунанд, ба сангтароши ҳаккок бидиҳанд, ки ба санг накш кунад, то бозгӯкунандаи сарнавишт, саргузашт, фардият, шахсият ваё ҳолат, воқеъа

ва сабабҳои айниву зеҳнии дори дунёро бидруд гуфтани мутаваффо бошад.

Чун кутуби ниёконро варақгардон кардам, дарёфтам, ки имрӯз ҳоҷат ба байти китоба навиштани ману мо нест. Бузургони гузашта дар ҳар ҳолат бар фалсафаю мантиқи зиндагию мурдагӣ амиқ андеша кардаанд ва бад-ин нукта расидаанд, ки маргу ҳаёт ҷовидона ҳамраҳони тавъаманд. Ин нукта дар нахусткитоби эрониён «Авесто» бад-ин зайл омадааст:

«Ва он ҷое, ки ҳаёт фузун аст, марг фузун бувад он ҷо».

Ва гӯӣ ки Мавлавӣ — ин орифу шоири абарқудраттарини ҳама давру замонҳо фармудаи «Авесто»-ро такрор мекунад:

Марг ҳаёт аст, ҳаёт аст марг,
Акс намояд ба дили кофарӣ.

Инсон то рӯзе зиндаааст, ки имону эътиқод, ормонҳо ва бӯяҳо, орзуҳо ва умедҳояш реша дар об доранд, чун инҳо дар замини замираш мурданд, дигар маргро аз худои бахшандаву меҳрубон хостор аст. Маҳастии Хуҷандӣ гуфта:

Орзуҳои ҷавонӣ ҳамчу гул барбод рафт,
Орзуи марг дорам аз худои хештан.

Марги ростин мисли таваллуди фарзанди инсон офаридгор аст, ҳарчанд аз дасти ӯ то фалаки атлас доду фарёд мекашанд, гиряву нола сар медиҳанд, навҳаю нудба мекунанд, ба даргоҳи парвардигор шикваю шикоят мебаранд, боз ҳам офаринанда ва раҳкушоянда барои наслҳои пасин аст. Лузуми марги осони ростинро ҳар инсони фонӣ эҳсос мекунад ва онро аз ҷонофарин таманно дорад.

Чунончи андар лузуми марг Ҳаким Фирдавсӣ фармуда:

Намонад касе худ ба гетӣ дароз,
Ки н-ояд ба рафтан мар ӯро ниёз.

Бад-он гаҳ, ки хам гирадат ёлу пушт,
Ба чуз бод чизе надорӣ ба мушт.

Гаронӣ дарояд туро дар ду гӯш,
На тан монадат бар яке сон, на ҳуш.

Набинӣ ба чашму напӯӣ ба пой,
Бигӯӣ ба бонги баланд, эй худой,

Маро пеши худ бар ба зудӣ, на дер
Ки гаштам ман аз хоки торик сер...

Ва баъд аз ҳазор соли Фирдавсӣ устод Халилуллоҳи Халилӣ бо интизорӣ маргро чунин хушомад мегӯяд:

То кай дилам, эй сипеҳр, хун хоҳӣ кард,
аз дасти ту оҳ,
Дар кӯраи оташам нагун хоҳӣ кард
ҳар шому сабоҳ.
Эй партави субҳи орзуям, эй марг,
иншооллоҳ,
Рӯзе сар аз ин ғурфа дарун хоҳӣ кард
бо рӯи чу моҳ.

Аммо аламон аз марги муаллақ! Аламон аз гулмаргӣ, ғӯрамаргӣ, ғунчамаргӣ, ҷавонмаргӣ, ғуссамаргӣ, танҳомаргӣ, ногаҳонмаргӣ, бенишонмаргӣ, биёбонмаргӣ, дарёмаргӣ, содамаргӣ ва ёвамаргӣ... Аламон аз ҷангу корзорҳо, аз теғу камони душман, аз қасду сӯиқасди адӯи номард, аз тасодуму зилзилаҳо, ки шаҳидону мақтулону қурбониёни зиёдеро тӯъмаи хок мекунад ва эй

дареғ ки хок ҳам, ки модари мост, аз рӯзи биномолик то имрӯз аз хӯрдани одамӣ сер нашуда ва гумон аст, ки сер бишавад...

Ин баёз асари пажуҳишӣ нест, дар он сабқати таърих (хронология) риоят нашудааст. Он ҷо, ки китоби гӯянда дар дастам буд, байтро ба номаш овардам. Аз кутуби зиёде, ки дар тӯли солҳо хондаам ва ишораҳо кардаам, байтҳои матлубро ҷамъ овардаам, аз шунидаҳоям низ зикр кардаам, аз фаҳлавиёт низ андӯхтаам. Чун дар лавҳи мазор маъмулан исми шоир сабт намешавад, қисмати аз байтҳо бидуни зикри номи гӯянда омадаанд.

Ин баёз ё китоби китобаҳо кӯшиши аввал аст ва мукаммал нест, чунон ки зиндагӣ ба ҳама гардишҳову чархишҳои худ мукаммал нест, ҷаҳон дар мадори ҷовидонаи худ мукаммал нест ва худовандо, бар ман бубахшо, инсони офаридаи ту низ мукаммал нест ва ҷангҳову бархӯрдҳову ҳаводиси чанд соли ахир собит кард, ки ба хусус мо тоҷикон мукаммал нестем. Мавлавӣ гӯё бар ҳоли мо мегӯяд:

Хазорсола раҳаст аз ту то мусулмонӣ,
Хазор соли дигар то ба ҳадди инсонӣ...

Ман дилам мехоҳад, ки гӯристонҳои мо мисли як осорхонаи саркушода бошанд озода, зебо, гулафшон, муназзам, рӯҳафзо, ибратомӯз, раҳмангез ва шафқатангез... то ҳар инсоне ба зиёрати хокхуфтагон биёяд, бидонад ва ин ҳақиқати абадиро бипазирад, ки Ҳофиз гуфта:

Оқибат манзили мо водии хомӯшон аст,
Ҳолиё ғулғула дар гунбади афлок андоз.

Ва банда ин баёзро ба он ғараз гирд овардам, ки зиндагон қадри зиндагонро бидонанд ва ғулғулаҳо дар

торами чарх андозанд ва сар барафрозанд то он даме, ки косаи сарашон пур аз хок шавад.

Биё, имрӯз қадри ҳам бидонем,
Ки то фардо зи якдигар намонем.

*Мавлавӣ*

Ёдашон нек, равонашон шод, хонаи охираташон обод бод онҳоеро, ки баъди сари худ ворисони сапосгузор доранд! Ва эй кош арвоҳи гузаштагон мададгори зиндагон бошанд!

* * *

Меҳтарони ҷаҳон ҳама мурданд,
Маргро сар ҳама фурӯ карданд.
Зери хок андарун шуданд онон,
Қ-ин ҳама кӯшкҳо баровarданд.
Аз ҳазорон ҳазор неъмату ноз
На ба охир ба ҷуз кафан burданд.

Ҳон ташнаҷигар, маҷӯй з-ин боғ самар,
Бедистонест ин риёзи бадудар,
Беҳуда мамон, ки боғбонат ба қафост,
Чун хок нишаста гиру чун бод гузар.

Ҷаҳоно, чунинӣ ту бо баччагон,
Гаҳе модарӣ, гоҳ модандаро.
На позер бояд туро на сутун,
На девори хишту на з-оҳан даро.

Ба касон буданат чӣ суд кунад,
Ки ба гӯр андарун шудан танҳост.
Ёри ту зери хок мӯру магас,
Чашм бикшо, бубин,
кунун пайдост.

Хоҳӣ то марг наёбад туро,
Хоҳӣ, к-аз марг биёбӣ амон,

Зери замин хезу нуҳуфта биҷӯй,
Пас ба фалак баршав бенардбон.

Ҳамвор кард хоҳӣ гетиро?
Гетист, кай пазирад ҳамворӣ
Шав, то қиёмат ояд, зорӣ кун,
Қай рафтаро ба зорӣ боз орӣ?!

Буданат бар хок бошад оқибат,
Ончунон к-аз хок буд анбуданат.

Чунон ки хоксириштӣ,
ба зери хок шавӣ,
Бинот хоку ту андар миёна хокогин.

*Рӯдакӣ*

* * *

Дардо, ки дар ин замонаи ғампарвард,
Ҳайфо, ки дар ин бодияи умрнавард.
Ҳар рӯз фироқи дӯсте бояд дид,
Ҳар лаҳза видои ҳама мебояд кард.

Зи дарё ҳамеша гуҳар н-оваранд,
Яке рӯз бошад, ки сар н-оваранд.

*Шаҳиди Балхӣ*

Ғарра машав бад-он, ки ҷаҳонат азиз кард,
Эй бас азизкардаи худро, ки кард хор.
Мор аст ин ҷаҳону ҷаҳонҷӯй моргир,
Аз моргир мор барорад ҳаме димор.

*Имораи Марвазӣ*

То ту, эй моҳ, зери хок шудӣ,
Хокро бар сипеҳр фазл омад.
Одам аз хок буд, хокӣ шуд,
Ҳар кӣ з-ӯ зод, боз асл омад.

Зи бими теғи ҷаҳонгиру гурзи қалъакушой
Ҷаҳон мусаххари ман шуд чу тан мусаххари рой...
Чу марг тохтан овард, ҳеҷ суд накард,
Бақо бақои худой асту мулк мулки худой.

*Мунтасир*

Шунидаам, ки биҳишт он касе тавонад ёфт,
Қи орзу бирасонад ба орзуманде.

*Шаҳиди Балхӣ*

Ҷавонӣ ба беҳудагӣ ёд дорам,
Дареғо ҷавонӣ, дареғо ҷавонӣ.

*Хусравонӣ*

Дареғ фарри ҷавонӣ, дареғ умри латиф,
Дареғ сурати некӯ, дареғ ҳусну ҷамол.

*Қисоии Марвазӣ*

Ман аз офариниш яке бандаам,
Парастандаи офаринандаам.
Нагардам ҳаме ҷуз ба фармони ӯй,
Натобам ҳаме сар зи паймони ӯй.

Зи хокему ҳам хокро зодаем,
Ба бечорагӣ тан бад-ӯ додаем.

Бикӯшеду кирдори мардон кунед,
Паноҳ аз балоҳо ба яздон кунед.

Ту то зиндаӣ, сӯи некӣ гарой,
Магар ком ёбӣ ба дигар сарой.

Ҳама маргроем то зодаем,
Ба бечорагӣ тан бад-ӯ додаем.

Чунин аст расми сарои сипанҷ,
Намонӣ дар ӯ ҷовидонӣ ба ранҷ.
Чунон дон, ки гетӣ туро душман аст,
Замин бистару гӯр пироҳан аст.

Агар шаҳриёрӣ, агар зердаст,
Ба ҷуз хоки тира наёбӣ нишаст.

Ҳаме номи ҷовид бояд, на ком,
Бияндоз кому барафроз ном.
Зи ном аст то ҷовидон зинда мард,
Ки мурда бувад колбад зери гард.

Саранҷом марг оядат бегумон,
Агар тираӣ,
гар чароғи замон.

Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,
Ҳар он кас,
ки хоҳад саранҷоми нек.

Наёбад касе чора аз дасти марг,
Чу боди хазон асту мо ҳамчу барг.

Ҳама корҳои ҷаҳонро дарест,
Магар марг, к-онро дари дигарест.
Зи модар ҳама маргро зодаем,
Ба ночор гардан варо додаем.

Ҳам он ном бояд ки монад баланд,
Чу марг афканад сӯи мо бар каманд.
Замона ба маргу ба куштан якест,
Вафо бо сипеҳри равон андакест.

Ҷаҳон ёдгор асту мо рафтанӣ,
Ба гетӣ намонад ба ҷуз мардумӣ,
Ба номи накӯ гар бимирам равост,
Маро ном бояд, ки тан маргрост.

Нишоне надорем аз он рафтагон,
Ки бедору шоданд ё хуфтагон.

Куҷо он бузургони ботоҷу тахт?
Куҷо он савopони пирӯзбахт?
Ҳама хок доранд болину хишт,
Хунук он,
ки ҷуз тухми некӣ накишт.

Сипеҳри баланд ар кашад зини ту,
Саранҷом хишт аст болини ту.

Ҷавониву пирӣ ба назди аҷал
Яке дон, чу дар дин нахоҳӣ халал.
Ба гетӣ дар он кӯш, чун бигзарӣ,
Саранҷом ислом бо худ барӣ.

Дарида ҷигаргоҳи пури ҷавон
Бигиряд бар ӯ чарх то ҷовидон.

Пас аз марг нафрин бувад бо касе,
Қ-аз ӯ номи зиште бимонад басе.

Яке зуд созад, яке дертар,
Саранҷом бар марг бошад гузар.
Ҳама маргроем пиру ҷавон,
Ба гетӣ намонад касе ҷовидон.

Маранҷон равон, к-ин сарои ту нест,
Ба ҷуз тангтобут ҷои ту нест.

Магар баҳра гирам ман аз панди хеш,
Барандешам аз марги фарзанди хеш,
Ки навбат маро буд, ту бе коми ман
Ҷаро рафтиву бурдӣ ороми ман.
Зи бадҳо ту будӣ маро дастгир,
Чаро роҳ ҷустӣ зи ҳамроҳи пир.
Магар ҳамраҳони ҷавон ёфтӣ,
Ки аз пеши ман тез биштофтӣ?

*Фирдавсӣ*

Аҷал ногаҳон омад, эй ҷони ман,
Рабудат дилозурда аз хони ман.
Маро дар ғаму ҳаҷр бигзоштӣ,
Дил аз меҳр якбора бардоштӣ.
Дареғ он ҳама меҳрубонии ту,
Дареғ он нишоту ҷавонии ту!

*Айюқӣ*

Ман андар фироқи ту ночиз кардам,
Ҷамолу ҷавонӣ,
дареғо ҷавонӣ.

Дареғо, ту аз пеши рӯям ҷудоӣ,
Дареғо, ту к-аз пеши чашмам ниҳонӣ.

*Фаррухӣ*

Ин умр ба абри навбаҳорон монад,
Ин дида ба сели кӯҳсорон монад.
Эй дӯст, чунон бизӣ, ки баъд аз мурдан
Ангушт газидане ба ёрон монад.

*Абӯсаид Абулхайр*

Баҳор омад ба саҳрову дару дашт,
Ҷавонӣ ҳам баҳоре буду бигзашт.
Сари қабри ҷавонон лола рӯяд
Даме ки маҳвашон оянд ба гулгашт.

Яке барзигаре нолон дар ин дашт
Ба чашми хунфишон олола * мекишт.
Ҳамекишту ҳамегуфт, эй дареғо,
Ки бояд киштану ҳиштан дар ин дашт.

Вой он рӯзе, ки дар гӯрам гиран танг,
Бирезан бар сарам хору хасу санг.
На пои он, ки аз морон гурезам,
На дасти он, ки бо мӯрон кунам ҷанг.

Бимирам то ту чашми тар набинӣ,
Шарори оҳи пурозар набинӣ.

---

* *Олола* — лола.

Чунон аз оташи ишқат бисӯзам,
Қи аз ман ранги хокистар набинӣ.

*Бобо Тоҳир*

Эй ки ту пайваста дар исён равӣ,
Гар бимирӣ, ҳамчунон пазмон равӣ
Нек бояд зистан то вақти марг
Дигарон гирянду ту хандон равӣ.

Дар ҳеҷ кас ба чашми ҳақорат назар макун,
То дар ту ҳам ба дидаи таҳқир нангаранд.
Зеро ки ҳар чӣ ҳаст зи дарвешу подшоҳ
Чун нек бингарӣ, зи яке асли гавҳаранд.

*Абдуллоҳи Ансорӣ*

Ғарибонро ғарибон ёд доранд,
Қи эшон якдигарро ёдгоранд.

Дареғо, мардиву номи баландам,
Қамону тиру шамшеру камандам!

Агар санге зи гардун андарояд,
Ҳамоно ошиқонро бар сар ояд.

Маро бас буд дар дил дарди пирӣ,
Ниҳодӣ бар танам банди асирӣ.
Ба поят дидаи ман хок руфта,
Ту бечора ба зери хок хуфта.

Нигоро, сарвқаддо, моҳрӯе,
Бутo, занҷирмӯе, мушкбӯе,

Ту будӣ ғамгусори рӯзгорам,
Кунун андӯҳи ту бо кӣ гусорам?
Буто, то марг ҷони ту гирифтаст,
Бузург умеди ман бо ту бирафтаст.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ҷаҳоно, ҷодуӣ, бо бӯю рангӣ,
Гаҳе румит бинам, гоҳ зангӣ.
Барой ҳар нафас аз ранги дигар,
Барорӣ ҳар нафас оҳанги дигар.
Наёсоӣ, на кас осуда аз ту,
Нафарсоиву мо фарсуда аз ту.

Нашояд шуд ба ҷоҳу мол мағрур,
Чу марг ояд, чи дарбору чӣ фағфур?
Макун такя бар иқболи замона,
Ки ӯ бар кас намонад ҷовидона.

Халқи ҷаҳон яксара ниҳоли худоянд,
Ҳеҷ на баркан ту з-ин ниҳолу на бишкан.

Эй мири аҷал,
чун аҷал оядт, бимирӣ,
Ҳарчанд ки бо иззу ҷалоливу ҷамолӣ.

*Носири Хусрав*

Ҳар тир ки дар ҷаъбаи афлок бувад
Омоҷгаҳаш ин дили ғамнок бувад.
То чарх чунин золиму бебок бувад
Осуда касе бувад,
ки дар хок бувад.

*Абулфараҷи Рунӣ*

Афсӯс, ки умр рафт бар беҳуда,
Ҳам лукма ҳарому ҳам даҳон олуда.
Фармудаи нокарда сияҳрӯям кард,
Фарёд зи кардаҳои нофармуда.

Онон, ки куҳан буванду онон, ки наванд
Ҳар як паи якдигар якояк бишаванд.
В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,
Рафтанду равему боз оянду раванд.

Мо лӯъбатаконему фалак лӯъбатабоз,
Аз рӯи ҳақиқат, на ки аз рӯи маҷоз.
Бозича ҳамекунем дар натъи вуҷуд,
Афтем ба сандуқи адам як-як боз.

Чун ҳосили одамӣ дар ин дайри дудар
Ҷуз хуни дилу додани ҷон нест дигар,
Хуррам дили он, ки як нафас зинда набуд,
В-осуда касе, ки худ назод аз модар.

Гар омаданам ба худ будӣ, н-омадаме,
В-ар низ шудан ба ман будӣ, кай шудаме?
Беҳ з-он набудӣ, ки андар ин дайри вуҷуд
На омадаме, на шудаме, на будаме.

Эй кошкӣ ҷои орамидан будӣ
Ё ин раҳи дурро расидан будӣ.
Қош аз паи сад ҳазор сол аз дили хок
Чун сабза умеди бардамидан будӣ.

Як қатраи об буд,
бо дарё шуд,
Як зарраи хок бо замин якто шуд.
Омад-шудани ту андар ин олам чист?
Омад магасе падиду нопайдо шуд.

Пок аз адам омадему нопок шудем,
Шодон ба дар омадему ғамнок шудем.
Будем зи оби дида дар оташи дил,
Додем ба бод умру дар хок шудем.

Афсӯс, ки бефоида фарсуда шудем,
В-аз тоси сипеҳри сарнагун суда шудем.
Дардову надомато, ки то чашм задем,
Нобуда ба коми хеш, нобуда шудем.

Ёрон, чу ба иттифоқ меод кунед,
Худро ба ҷамоли якдигар шод кунед.
Соқӣ чу маи муғона бар каф гирад,
Бечора маро ҳам ба дуо ёд кунед.

Эй чархи фалак, харобӣ аз кинаи туст,
Бедодгарӣ шеваи деринаи туст.
Эй хок, агар синаи ту бишкофанд,
Бас гавҳари қимате, ки дар синаи туст.

*Хайём*

Гар худоро чунон парастидӣ,
Аз худо ҳар чӣ хостӣ, дидӣ.

Бидон, олами пок маргат расонад,
Ки маргаст дарвозаи онҷаҳонӣ.

Бо ҳама халқи ҷаҳон, гарчи аз он
Бештар гумраҳу камтар ба раҳанд,
Ту чунон зӣ, ки бимирӣ, бираҳӣ,
На чунон чун ту бимирӣ, бираҳанд.

***Саноӣ***

Нест бо бору барги шох бақо
Шохро бору барг боястӣ.
То бирастӣ зи марг умри азиз,
Маргро низ марг боястӣ.

Аҷал аз ту карон нахоҳад кард,
Гар бигардӣ ҷаҳон карон ба карон.
Гар ҳаме мулки бегузар талабӣ,
Дил манеҳ бар замонаи гузарон.

*Адиб Собир*

Ё дар олам намонд мардум,
Ё расму вафои мардумӣ нест.
Шак нест, ки ин работи хокӣ
Манзилгаҳи ҳеҷ одамӣ нест.

*Асириддини Асхикатӣ*

То қиёмат шарҳи ишқат доштам,
Гар касе будӣ, ки бовар доштӣ.

*Имодӣ*

Эй чарх, ҷуз ояти бало хонӣ? Не.
Бар кас қаламе зи офият ронӣ? Не.
Чизе бидиҳӣ, ки боз настонӣ? Не.
Эй кӯри кабуд, худ ҷуз ин донӣ? Не.

*Анварӣ*

Назанинони мано, мурд чароғи дили ман,
Ҳамчу шамъ аз мижа хуноби ҷигар бикшоед.

То дардумеҳнат аст дар ин тангнои хок,
Меҳнат барои мардуму мардум барои хок.

Тарсам аз қаҳи нохудотарсон,
З-ин сабаб дар худо гурехтаам.
Аз камини камонкашони қазо
Дар ҳисори ризо гурехтаам.

Гар ҳама мамлакату моли ҷаҳон ҷамъ кунем,
Лек ҷуз пираҳани гӯр зи дунё набарем.

*Хоқонӣ*

Қурси хуршед дар ин ташти фалак собунест,
Ки аз ӯ ҷомаи арвоҳ мутаҳҳар гардад.

Агар сад сол монӣ,
дар яке рӯз
Бибояд рафт аз ин кохи дилафрӯз.
Зи рафъат гар ниҳӣ бар осмон пой,
Бувад зери заминат оқибат ҷой.
Он лаҳза, ки ҷон супурда бошам,
В-аз дурии дӯст мурда бошам,
Ороста кун арӯсворам,
Биспор ба хок пардадорам.
Овораи ман чу гардад огоҳ,
Қ-овора шудам ман аз ватангоҳ,
Чун бар сари хоки ман нишинад,
Маҳ ҷӯяду лек хок бинад.

Хок шуд он кас,
ки дар ин хок зист,
Хок чӣ донад,
ки дар ин хок чист?
Ҳар вараҷе чеҳраи озодаест,
Ҳар қадаме фарқи маликзодаест.

*Низомӣ*

Рӯзе агар гузори ту афтад ба хоки ман,
Фарёд бишнавӣ зи дили дардноки ман.

Муроди ҳотири худ дар ҷаҳон намеёбам,
Давои дарди дили нотавон намеёбам.
Ҷаҳон бигаштаму офоқ сар ба сар гаштам,
Вале зи гумшудаи худ нишон намеёбам.
Дареғу дард, ки дар хок боядам ҷустан
Гӯле ки дар хама бӯстон намеёбам.

Бақои умр дар ин хокдони фонӣ нест,
Ҷаҳон пур аз ғаму уммеди шодмонӣ нест.
Барои сӯҳбати ёрони меҳрубону карим
Хуш аст умр, дареғо ки ҷовидонӣ нест.

Манам, ки хок шудам дар раҳи вафодорӣ,
Вале ба хоки ман ӯро гузор нест, чӣ суд?

Чу ташналаб ба биёбон ҳалок хоҳӣ шуд,
Ғанимате шумар, эй дӯст, сӯҳбати дарё.

Бӯи вафо расад ба машоми висоли ман,
Гар бугзарӣ ба турбати ман аз паси вафот.

*Мансури Халлоҷ*

Эй ҳамнафасон, то аҷал омад ба сари ман,
Аз пой дарафтодаму хун шуд ҷигари ман.
Охир ба сари хоки ман оед замоне
В-аз хок бипурсед нишону хабари ман.
Гар хоки замин ҷумла ба ғирбол бубезед,
Чӣ суд, ки як зарра наёбед асари ман.

Чист дунё? Чоҳу зиндон асту мо зиндониён
Як ба якро мебаранд аз чоҳу зиндон сӯи дор.
Ту бихоҳӣ мурду ҷуз хақ дастгират нест кас,
Пой дарнеҳ дар раҳи ҳақ, даст аз ину он бидор.

Эй дареғо, к-аз ҷаҳони дасту теғ
Ҷуз дареғе нест дар даст, эй дареғ.
Ҳам барои мурданат парвардаанд,
Ҳам барои бурданат овардаанд.

Дар ҳама офоқ кас бемарг нест,
В-ин аҷобат бин, ки касро барг нест.

Бод паймудам ҳаме умре тамом,
Оқибат дар хок рафтам, вассалом.

Ёраб, огоҳӣ зи ёрабҳои ман,
Ҳозирӣ дар мотами шабҳои ман.
Поймарди ман дар ин мотам ту бош,
Кас надорам,
дастгирам ҳам ту бош!

Эй ҳама ту, ногузири ман ту бош,
Уфтодам, дастгири ман ту бош.
Бод дар каф хоки даргоҳи туам,
Бандаву зиндонии роҳи туам.
З-ин ҳама олудагӣ покам барӣ,
Бо мусулмонӣ ту дар хокам барӣ.

Он кафан чун бар танам пӯшед пок,
Зуд таслимам кунед он гаҳ ба хок.
Чун чунин кардед, то маҳшар зи меғ
Бар сари хокам наборад ҷуз дареғ.

Ҷони ӯ аз нури ҳақ осуда бод,
Номи ӯ дар осмон бистуда бод!

Гум шудам дар худ чунон к-аз хеш нопайдо
шудам,
Шабнаме будам зи дарё, ғарқа дар дарё шудам.
З-омадан бас бенишону аз шудан бас бехабар,
Гӯиё як дам баромад, к-омадам ман ё шудам.

Надорад дарди ман дармон, дареғо,
Бимондам бесару сомон, дареғо.
Чу на ҷонон бихоҳад монду на ҷон,
Зи ҷон дардову аз ҷонон дареғо!

Подшоҳо, ҷурми моро даргузор,
Мо гунаҳгоремӯ ту омурзгор.
Чашм дорам аз гунаҳ покам кунӣ,
Пеш аз он, к-андар лаҳад хокам кунӣ.
Андар он дам, к-аз бадан ҷонам барӣ,
Аз ҷаҳон бо нури имонам барӣ.

Ёраб, он соат, ки ҷон бар лаб расад,
Ҷисми пажмурда ба тобутаб расад,
Шарбату шаҳди шаҳодат нӯшиям,
Хилъати роҳи саодат пӯшиям.
Чун надорам дар ду олам ҷуз ту кас,
Ҳам ту мебошӣ маро фарёдрас.

Ғами дин хӯр, ки ғам ғами дин аст,
Ҳама ғамҳо фурӯтар аз ин аст.

Ғами дунё махӯр, ки беҳудаст,
Ҳеҷ кас дар ҷаҳон наёсудаст.

Қасе к-ӯ дар дуо орад маро ёд,
Ҳама вақте нигаҳдораш худо бод!

Чу мурдан буд, ин зодан чаро буд?
Чу рафтан буд, истодан чаро буд?

Ҷаҳон бодест,
пай бар бод магзор,
Ба ҷуз ёди худо аз ёд бигзор!

Агар ман зарраам,
уммедворам,
Ки дар парда чу ту хуршед дорам.
Сабукборам кун,
эй пушту паноҳам,
Ки аз сад раҳ гарон бори гуноҳам!

*Аттор*

Эй дил, чу огаҳӣ, ки фано дар паи бақост,
Ин орзуву ози дарози ту аз куҷост?
Дар хок дафн кардаӣ он гавҳари шариф,
Хокаш зи сар фурӯ кану бинаш, ки кимиёст.

Зи кори охират онро хабар тавонад буд,
Ки зинда бар пули маргаш гузар тавонад буд.

Ҷаҳон бигаштаму офоқ сар ба сар дидам,
На мардумам, агар аз мардумӣ асар дидам.
Зи рӯзгор ҳамин ҳолатам писанд омад,
Ки хубу зишту баду нек дар гузар дидам.

Бисоз бо баду неки ҷаҳон, ки то ду-се рӯз
На нақш бинӣ аз ину на з-он асар ёбӣ.
Мабош ғарраи айёми комрониву айш,
Ки то ту чашм занӣ,
корҳо дигар ёбӣ.

Ногаҳон дар ними раҳ тифли ҷаҳонннодидаро
Дар хатар бигзоштанду бо батар бозомаданд.
Гавҳаре к-аш ҷонбаҳо буд, андар об андохтанд
В-аз барои ҳифзи рахти мухтасар бозомаданд.
Шохаки навбоваро карданд он ҷо хушкбед,
Лоҷарам бо коми хушку чашми тар бозомаданд.
Дар лаби ҷӯе фурӯ бурданд сарверо ба хок,
Пас барӣ мо ғунчаосо ҷомадар бозомаданд.
Оҳ аз он соат,
ки ҳамзодони ӯ бо чашми тар
Бебародар хунчакон пеши падар бозомаданд.
Ту куҷоӣ, эй писар,
ҷонам бирафт аз интизор
Ту намеоӣ, дигарҳо аз сафар бозомаданд.

*Камоли Исмоил*

Эй хуш он рӯз, ки пеши чу ту султон, мирам,
Пеши кони шакари ту шакарафшон мирам.
Ҳамчу фарзанд,
ки андар бари модар мирад,
Дар бари раҳмату бахшоиши раҳмон мирам.

Мо зи болоему боло меравем,
Мо зи дарёему дарё меравем.
Мо аз он ҷову аз ин ҷо нестем,
Мо зи беҷоему беҷо меравем.

Ҳосил аз ин се суханам беш нест,
Сӯхтаму сӯхтаму сӯхтам.

Ҳосили умрам се сухан беш нест,
Хом будам, пухта шудам, сӯхтам.

Худовандо,
аз ин хуштар чӣ бошад
Бидидан рӯи ту,
пеши ту мурдан.

Дареғо, к-аз миён, эй ёр, рафтӣ,
Ба дарду ҳасрати бисёр рафтӣ.
Латифу хубу мардумдор будӣ,
Даруни хоки мардумхор рафтӣ.
Фалак бигристу маҳро рӯ харошид
Дар он соат,
ки зору зор рафтӣ.

Чаро ба олами аслии хеш вонаравам,
Дил аз куҷову тамошои хокдон зи куҷо?

Олам шикоргоҳу халоиқ ҳама шикор,
Ғайр аз нишонае зи амири шикор нест.

Вафо мабод умедам, агар ба ғайри ту аст,
Хароб бод вуҷудам, агар барои ту нест.
Ризо мадеҳ, ки дилам коми душманон гардад,
Бубин,
ки коми дили ман ба ҷуз ризои ту нест.

Гӯянд асли одамӣ хок асту хокӣ мешавад,
Қай хок гардад он касе к-ӯ хоки ин даргоҳ шуд.

Бимиред, бимиред,
дар ин ишқ бимиред,
Дар ин ишқ чу мурдед,
ҳама рӯҳ пазиред.
Бимиред, бимиред в-аз ин марг матарсед,
Қ-аз ин хок бароед,
самовот бигиред.

Тадбир кунад бандаю тақдир надонад,
Тадбир ба тақдири худованд намонад.

Як ними ҷаҳон каргасу нимеш чу мурдор,
Ҳин чашм чу каргас сӯи мурдор мадоред.

Бубин онон, ки банди сим буданд,
Даруни хок чун симоб рафтанд.

Бидарад мурда кафанро ба сари гӯр барояд,
Агар он мурдаи моро зи бути ман хабар ояд.

Эй худое, ки чу ҳоҷот ба ту баргиранд,
Ҳар муроде, ки бувадшон ҳама дар бар гиранд.
Гар бимонанд ятим аз падару модари хок,
Падару модари рӯҳонии дигар гиранд.

Хайёти рӯзгор ба болои ҳеҷ кас
Пироҳане надӯхт, ки онро қабо накард.

Гар қиблаат дар хок шуд, ҷони ту бар афлок шуд,
Гар хирқаи ту чок шуд,
ҷони туро набвад фано.

Ба рӯзи марг чу тобути ман равон бошад,
Гумон мабар ки маро дарди ин ҷаҳон бошад.

Чанозаам чу бубинӣ, магӯ фироқ, фироқ,
Маро висолу мулоқоти он замон бошад.
Маро ба гӯр супорӣ,
магӯ видоъ, видоъ,
Ки гӯр пардаи чамъияти чинон бошад.

Ба рӯҳҳои муқаддас зи ман салом баред,
Ба ошиқони муқаддам зи ман паём баред.
Ҳазор банд чу ишқаш зи пои ман бикшод,
Маро ду даст гирифта ба он мақом баред.

Чаҳонро бидидам,
вафое надорад,
Чаҳон дар чаҳон ошноее надорад.
Дар ин курси заррини боло ту мангар,
Ки дар андарун бӯрёе надорад.

Гар туро бахт ёр хоҳад буд,
Ишқро бо ту кор хоҳад буд.
Ҳар замоне,
ки меравад бе ишқ
Пеши ҳақ шармсор хоҳад буд.
Ҳар чӣ андар Ватан туро сабукаст,
Соати кӯч бор хоҳад буд.

Қорвони ҳаёт мегузарад,
Ҳеч бонги чарас намеояд.
Ҳеч кардӣ ба хайр андеша,
Ки чазо аз сипас намеояд.

Мерос мондааст чаҳон аз ҳазор қарн
Чун шуд ба зери хок падар, шуд писар падар.

Рафт умрам дар сари савдои дил
В-аз ғами дил нестам парвои дил.

Он ҷаҳон як тобиш аз хуршеди дил,
В-ин ҷаҳон як қатра аз дарёи дил.

Рӯзе, ки гузар кунӣ ба гӯрам,
Ёд овар аз ин нафиру шӯрам.
Пурнур кун он таги лаҳадро,
Эй дидаву эй чароғи нурам.
То аз ту суҷуди шукр орад
Андар лаҳад ин тани сабурам.

Тавофи каъбаи дил кун агар диле дорӣ,
Дил аст каъбаи маънӣ,
ту гил чӣ пиндорӣ.
Тавофи каъбаи сурат ҳақат бад-он фармуд,
Ки то ба воситаи он диле ба даст орӣ.

Агар ту Рустами Золӣ вагар Қоруни бо молӣ,
Вагар бо қолу бо ҳолӣ, ба вақти марг дармонӣ
Агар заррин камар дорӣ вагар симин сипар дорӣ,
Бад-ин манзил гузар дорӣ,
ба вақти марг дармонӣ.

Эй дил, зи ҷон гузар кун то ҷони ҷон бубинӣ,
Бигзор ин ҷаҳонро то он ҷаҳон бубинӣ.

Қор ба пириву ҷавонистӣ,
Пир бимурдиву ҷавон зистӣ.

Доди мардон чу воқеъи марг аст,
Мардуми додхор боястӣ.
То бидонистаме
зи душману дӯст,
Зиндагонӣ ду бор боястӣ.

Чун зуд набишта буд ҳақ фурқати мо,
Аз баҳри чӣ буд ҷангу он ваҳшати мо.
Гар бад будем, растӣ аз заҳмати мо
Вар нек будем, ёд кун сӯҳбати мо.

Гар ман мирам, маро биёред шумо,
Мурда ба канори ман супоред шумо.
Гар бӯса диҳад бар лаби пӯсидаи ман
Гар зинда шавам, аҷаб мадоред шумо.

Кӯтоҳ кунад замона ин дамдамаро,
В-аз ҳам бидарад гурги фано ин рамаро.
Андар сари ҳар касе ғурурест,
вале
Силии аҷал қафо занад ин ҳамаро.

Бетоату дин биҳишти раҳмон маталаб,
Бехотами ҳақ мулки Сулаймон маталаб.
Чун оқибати кор аҷал хоҳад буд,
Озори дили ҳеҷ мусулмон маталаб.

Нӯҳ чарх ғуломи табъи худрояи мост,
Ҳастӣ зи барои нестӣ мояи мост.
Андар паси пардаҳо яке дояи мост,
Мо омада нестем, ин сояи мост.

Рафтам ба сари гӯри нигори дилдор
Метофт ба гулзор танаш чун гулзор.
Бар хок нидо кардам: хоко, зинҳор
Он ёри вафодори маро неку дор.

Эй бе ту ҳаром зиндагонӣ, эй ҷон,
Худ бе ту кадом зиндагонӣ, эй ҷон.
Савганд хӯрам, ки зиндагонӣ бе ту
Марг асту ба ном зиндагонӣ, эй ҷон.

Гар теғи аҷал маро кунад бесару ҷон,
Дар ҳашр бароям зи замин сад чандон
Аз хок чу ҷумла донаҳо мерӯянд,
Ҳам донаи одамӣ бирӯяд, медон.

Гар Шом вагар Ироқ дар Луристон
Равшан шуда з-он чеҳраи чун нуристон.
Бо мункару бо накир ҳамдастӣ кун
То дастзанон рақс кунад гӯристон.

Бозичаи қудрати худоем ҳама,
Ӯрост тавонгарӣ, гадоем ҳама.
Бар якдигар ин зиёдатӣ ҷустан чист,
Охир зи дари яке сароем ҳама.

Дар баҳорон кай шавад сарсабз санг,
Хок шав то гул бирӯяд ранг-ранг.

*Шамси Табрезӣ*

Дар боғи аҳд бӯи вафое наёфт кас,
Дар ҷоми умр ранги сафое наёфт кас.
Шоҳон ба гирди арсаи олам баромаданд,
Лекин чу Хизр оби бақое наёфт кас.

Нури диле зи шамъи ҷавонӣ наёфтам,
Бӯи хуше зи субҳи амонӣ наёфтам.
Умрам ба бод рафт дар ин хонадони ғам,
Як орзуи хардуҷаҳонӣ наёфтам.

Гар ҳеҷ шабе нухуфта бинӣ моро,
Гулзори тараб шукуфта бинӣ моро.
Он гоҳ зи хоби ҳуси бедор шавӣ,
Бисёр оиву хуфта бинӣ моро.

Эй бурда нишот аз дили ғамноки падар,
Ғам дода ба ин синаи садчоки падар,
Чун ту рафтӣ, кӣ афканад аз паси ин
Ҷуз сабзаву хор соя бар хоки падар?

Ҳам марг бар ҷаҳони шумо низ бигзарад,
Ҳам равнақи замони шумо низ бигзарад.
Ин навбат аз касон ба шумо — нокасон расид,
Навбат зи нокасони шумо низ бигзарад.

*Сайфи Исфарангӣ*

Ғам нест захмхӯрдаи роҳи худойро,
Дарде чӣ хуш бувад, ки ҳабибаш кунад даво.
Мобайни осмону замин ҷои айш нест,
Як дона чун ҷаҳад зи миёни ду осиё?

Хок чандон аз одамӣ бихӯрад,
Ки шавад хоку одамӣ яксон.

Бубахш, бор худоё, ба фазлу раҳмати хеш,
Ки дармандснавозию ҷурмбахшоӣ.
Бизоате на сазовори ҳазрат овардем,
Магар ба айни иноят қабул фармоӣ.

Хишти болини гӯр ёд овар,
Эй, ки сар дар канори аҳбобӣ.
Хуфтанат зери хок хоҳад буд,
Эй, ки дар хобгоҳи санҷобӣ.

Дунё наярзад он, ки парешон кунӣ диле,
Зинҳор бад макун, ки накардаст оқиле.
Аз молу ҷоҳу мансабу иқболу тахту бахт,
Беҳтар зи номи нек накарданд ҳосиле.

Талх аст шарбати ғами ҳиҷрону талхтар
Бар сарвқомате, ки ба ҳасрат ҷавон бирафт.
Чандон бирафт хун зи ҷароҳат ба ростӣ,
Қ-аз чашми модару падари меҳрубон бирафт.

Ба лутфи хеш, худоё, равони ӯ хуш дор,
Бад-он ҳаёт бикун з-ин ҳаёт хурсандаш.

Қаргасонанд аз паи мурдори дунё ҷангҷӯй,
Эй бародар, гар хирадмандӣ, чу симурғон нишин.

Дарди ишқ аз тандурустӣ хуштар аст,
Мулки дарвешӣ зи ҳастӣ хуштар аст.
Худпарастӣ хезад аз дунёву чоҳ,
Нестию ҳақпарастӣ хуштар аст.

Ҳар кӣ ҳавое напухт ё ба фироқе насӯхт,
Охири умр аз ҷаҳон чун биравад, хом рафт.

Эй ки бар пушти заминӣ, ҳама вақт они ту нест,
Дигарон дар шиками модару пушти падаранд.
Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз,
Мурда он аст, ки номаш ба накӯӣ набаранд.

Яке бар турбате фарёд мехонд
Ки инон подшоҳони ҷаҳонанд.
Бигуфтам: тахтае баркан зи гӯре,
Бубин то подшаҳ ё посбонанд?
Бигуфто: тахта баркандан чӣ ҳоҷат,
Чу медонам, ки мушти устухонанд.

Агар худой набошад зи бандае хушнуд,
Шафоати ҳама пайғамбарон надорад суд.

Сабри бисёр бибояд падари пири фалакро,
То дигар модари гетӣ чу ту фарзанд бизояд.

Худованде чунин бахшанда дорем,
Ки бо чандин гунаҳ уммедворем.
Худоё, гар бихонӣ в-ар биронӣ,
Ҷуз инъомат дари дигар надорем.

Бо мани куштаи ҳиҷрон нафасе хуш биништин,
То магар зинда шавам з-он нафаси рӯҳонӣ.

Мо парокандагони маҷмӯем,
Ёри мо ғоиб асту дар назар аст.

Зоил шавад ҳар он чӣ ба куллӣ камол ёфт,
Умрам завол ёфт камоле наёфта.

Ҷаҳон бе мо басе будасту бошад,
Бародар, ҷуз накӯномӣ маяндӯз.

Ҷои гиряст бар ин умр, ки чун ғунчаи гул
Панҷ рӯз аст бақои даҳани хандонаш.
Даҳане шир ба кӯдак надиҳад модари даҳр,
Ки дигарбора ба хун дарнабарад дандонаш.

Гар дар ҳама даҳр як сари нештар аст,
Дар пои касе равад, ки дарвештар аст.
Бо ин ҳама ростӣ, ки мизон дорад,
Майлаш тарафе бувад, ки он бештар аст.

Донӣ, ки бар нигини Сулаймон чӣ нақш буд:
«Дил бар ҷаҳон мабанд, ки бо кас вафо накард.
Хуррам тане,
ки ҳосили умри азизро
Бо дӯстон бихӯрду ба душман раҳо накард».

Ҳар кӣ хайре карду мавқуфе гузорд,
Расми хайраш ҳамчунон бар ҷой дор.

Номи неки рафтагон зоеъ макун,
То бимонад номи некат пойдор.

Дил мабанд, эй ҳаким,
бар дунё,
Ки на чизест ҷоҳи мухтасараш.

Ҳар биҳиште, ки дар ҷаҳони худост,
Дӯзахе кардаанд бар гузараш.

Имрӯз, ки дастгоҳ дорию тавон,
Бехе, ки бари саодат орад, бинишон.
Пеш аз ту аз они дигаре буд ҷаҳон,
Баъд аз ту аз они дигаре бошад, ҳон!

На неконро бад афтодаст ҳаргиз,
На бадкирдорро фарҷоми некӯ.
Бадон рафтанду некон ҳам намонданд,
Чӣ монад? Номи зишту номи некӯ.

Ҳар дам забони мурда ҳаме гӯяд ин сухан,
Лекин ту гӯши ҳуш надорӣ,
ки бишнавӣ.
Дил дар ҷаҳон мабанд,
ки даврони рӯзгор
Ҳар рӯз бар саре ниҳад ин тоҷи хусравӣ.

То кай ба ҷамолу моли дунё нозӣ,
Омад гаҳи он, ки барги уқбо[1] созӣ!
Эй дернишаста, вақти он аст,
ки ҷой
Якчанд ба навхостагон пардозӣ.

---

[1] *Уқбо* — тӯшаи охират

Агар мамолики рӯи замин ба даст орӣ,
В-аз осмон бирабой кулоҳи ҷаббор̄ӣ.
В-агар хазоини Қоруну мулки Ҷам дорӣ,
Наярзад он ки вуҷуде зи худ биёзорӣ.

Ба Сикандар на мулк монду на мол,
Ба Фаридун на тоҷ монду на тахт.
Пеш аз он кун ҳисоби худ,
ки туро
Дигаре дар ҳисоб гирад сахт.

Чунон зиндагонӣ кун,
эй некрой,
Ба вақте ки иқбол додат худой,
Ки соянд аз баҳрат ангушти даст,
Гарат бар замин оянд ангушти пой.

Ёд дорам, ки вақти зодани ту
Ҳама хандон буданду ту гирён.
Он чунон зӣ, ки баъди мурдани ту
Ҳама гирён шаванду ту хандон.

Мардон ҳама умр пора бардӯхтаанд,
Қуте ба ҳазор ҳила андӯхтаанд.
Фардои қиёмат ба гуноҳ эшонро
Шояд, ки насӯзанд, ки худ сӯхтаанд.

Гар роҳ намой, ҳама олам роҳ аст,
Вар даст нагирӣ, ҳама олам чоҳ аст.

Дарёб кунун, ки неъматат ҳаст ба даст,
К-ин давлату мулк меравад даст ба даст.

Барги айше ба гӯри хеш фирист,
Кас наёрад зи пас, ту пеш фирист.

Ҷаҳон, эй бародар,
намонад ба кас,
Дил андар ҷаҳонофарин банду бас.

Макун такя бар мулку дунёву пушт,
Ки бисёр кас чун ту парварду кушт.
Чу оҳанги рафтан кунад ҷони пок,
Чи бар тахт мурдан,
чи бар рӯи хок.

Касе нек бинад ба ҳар ду сарой,
Ки некӣ расонад ба халқи худой.

Зи савдои он нӯшаму ин хӯрам,
Напардохтам то ғами дин хӯрам.

Дареғо,
ки машғули ботил шудем,
Зи ҳақ дур мондему ғофил шудем.

Зи ҳиҷрони тифле,
ки дар хок рафт,
Чӣ нолӣ, ки пок омаду пок рафт.
Ту пок омадӣ, барҳазар бошу пок,
Ки нанг аст нопок рафтан ба хок.
Дареғо, ки бе мо басе навбаҳор,
Бирӯяд гулу бишкуфад лолазор.
Басе тиру даймоҳу урдабиҳишт
Бароянд,
ки мо хок бошему хишт.

Макун шодмонӣ ба марги касе,
Ки даҳрат намонад пас аз вай басе.

Агар банда кӯшиш кунад бандавор,
Азизаш бидорад худовандгор.

Бас бигардиду бигардад рӯзгор,
Дил ба дунё дарнабандад ҳушёр.
Номи некӯ гар бимонад з-одамӣ
Беҳ к-аз ӯ монад сарои зарнигор.

Дарвешу ғанӣ бандаи ин хоки даранд,
В-онон, ки ғанитаранд,
мӯҳтоҷтаранд.

Ростӣ мӯҷиби ризои худост,
Кас надидам, ки гум шуд аз раҳи рост.

Қорун ҳалок шуд, ки чиҳил хона ганҷ дошт,
Нушервон намурд, ки номи накӯ гузошт.

Даврони бақо чу боди саҳро бигузашт,
Талхию хушию зишту зебо бигузашт.
Пиндошт ситамгар, ки ҷафо бар мо кард,
Дар гардани ӯ бимонду бар мо бигузашт.

Бузургаш нахонданд аҳли хирад,
Ки номи бузургон ба зиштӣ барад.

Набиштаст бар гӯри Баҳроми гӯр,
Ки дасти карам беҳ зи бозӯи зӯр.

Чӣ хоҳӣ, ки номат бувад ҷовидон,
Макун номи неки бузургон ниҳон.

Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт
Ба сарчашмае бар ба санге навишт:

Бар ин чашма чун мо басе дам заданд,
Бирафтанд чун чашм бар ҳам заданд.
Гирифтем олам ба мардию зӯр,
Валекин набурдем бо худ ба гӯр...

Дар ин боғ сарве наёмад баланд,
Ки боди аҷал бехаш аз бун наканд.
Аҷаб нест бар хок агар гул шукуфт,
Ки чандин гуландом бар хок хуфт.

Бизоат наёвардам илло умед,
Худоё,
зи авфам макун ноумед.

Ба хок бармарав, эй одамӣ,
ба нахвату ноз,
Ки зери пои ту ҳамчун ту одамизод аст.

Ба дарвозаи марг чун даршавем,
Ба як ҳафта бо ҳам баробар шавем.
Чунон зӣ, ки номат ба таҳсин кунанд,
Чу мурдӣ, на бар гӯр нафрин кунанд.

*Саъдӣ*

Бирав аз хонаи гардун бадару нон маталаб,
К-ин сияҳкоса дар охир бикушад меҳмонро.

Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд аз ишқ,
Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо.

Чист ин сақфи баланди содаи бисёрнақш?
З-ин муаммо ҳеҷ доно дар ҷаҳон огоҳ нест.

Онон, ки хокро ба назар кимиё кунанд,
Оё бувад, ки гӯшаи чашме ба мо кунанд?
Дардам нуҳуфта беҳ зи табибони муддай,
Бошад, ки аз хазонаи ғайбам даво кунанд.

Авқоти хуш он буд, ки бо дӯст ба сар рафт,
Боқӣ ҳама беҳосиливу бехабарӣ буд.

Ғуломи ҳиммати онам, ки зери чархи кабуд
Зи ҳарчи ранги таааллуқ пазирад, озод аст.

Ба лаб расид маро ҷону барнаёмад ком,
Ба сар расид умеду талаб ба сар нарасид.

Баъд аз вафот турбати мо дар замин маҷӯй,
Дар синаҳои мардуми ориф мазори мост.

Оқибат манзили мо водии хомӯшон аст,
Ҳолиё, ғулғула дар гунбади афлок андоз!
Ба сари сабзи ту, эй сарв, ки чун хок шавам,
Ноз аз сар бинеҳу соя дар он хок андоз.

На мулки Хизр бимонад, на мулки Искандар,
Низоъ бар сари дунёи дун макун, дарвеш!

Қавкаби бахти маро ҳеҷ мунаҷҷим нашинохт,
Ёраб, аз модари гетӣ ба чӣ толеъ зодам?

Ҷаҳон пир асту бебунёд, аз ин Фарҳодкуш фарёд,
Ки кард афсуну найрангаш малул аз ҷони
ширинам.

Гарчи мо бандагони подшаҳем,
Подшоҳони мулки субҳгаҳем.

Ганҷ дар остину киса тиҳӣ,
Ҷоми гетинамову хоки раҳем.

Дило, дидӣ,
ки он фарзона фарзанд,
Чӣ дид андар ҳами ин тоқи рангин?
Ба ҷои лавҳи симин дар канораш
Фалак бар сар ниҳода лавҳи сангин.

Фурсат шумор сӯҳбат,
к-аз ин дуроҳа манзил
Чун бигзарем, дигар натвон ба ҳам расидан.

Зинҳор то тавонӣ аҳли назар маёзор,
Дунё вафо надорад,
эй нури ҳар ду дида!

Навиштаанд дар айвони ҷаннатулмаъво,
Ки ҳар кӣ ишваи дунё харид,
вой ба вай!

Ба рӯзи воқеа тобути мо зи сарв кунед,
Ки меравем ба доғи баландболое.

*Ҳофиз*

Зи кӯяш бар кафан гарде агар бо худ тавон
бурдан,
Даре аз равза бикшоянд бар хоки лаҳад моро.

Ҳар касе аз сарзамине сар барорад рӯзи ҳашр,
Мо зи хоки остонаш сар бадар хоҳем кард.

Гулҳо шукуфту гулрухи мо зери хок рафт,
Моро дар ин баҳор гуле бас аҷаб шукуфт.
Ояд пас аз баҳор чаманро хазон падид,
Фасли баҳор боғи маро чун хазон расид?

Рафтию дарду доғи туам ёдгор монд,
Сад ҳасрат аз ту дар дили уммедвор монд.
Булбул кашида ранҷи гулистону оқибат
Гулро сабо рабуду аз ӯ баҳра хор монд.

Рафтию сер надида рухи ту дида ҳанӯз,
Гӯш як нукта зи лабҳои ту нашнида ҳанӯз.
Чид дасти аҷал, эй ғунчаи навруста, туро
Як гул аз шохи амал дасти ту ночида ҳанӯз.

Рехтӣ хуни дил аз дидаи гирёни падар,
Раҳм бар ҷони падар н-омадат,
эй ҷони падар,
Навбаҳор омаду гулҳо ҳама рустанд зи хок,
Ту ҳам аз хок баро,
эй гули хандони падар.

Рӯзе, ки месиришт фалак обу хоки ман,
Месӯхт з-оташи ту дили дардноки ман.
Рӯзе, ки менавишт қазо номаи аҷал,
Шуд номзад ба теғи ҷафоят ҳалоки ман.

Навбаҳорон, ки дамад шохи гуле аз гили ман,
Ғунчаҳояш бувад оғушта ба хуни дили ман.

Чун хок шавам, гар гузарӣ сӯи мазорам,
Бӯи ҷигари сӯхта ёбӣ зи ғуборам.

Пас аз мурдан ба хоки ман гузар кун,
ғамгусори ман,
Бубин сад ҳарфи ғам дар ҳар хат аз лавҳи
мазори ман.

Мо тани хокӣ, ту рӯҳи покӣ, эй ҷону ҷаҳон,
Гарчи мо мурдем дур аз ту,
ту бе мо зиндайӣ.

Дил хаставу синачок мебояд буд,
В-аз ҳастии хеш пок мебояд буд.
Он беҳ,
ки ба худ хок шавем аввали кор,
Чун охири кор хок мебояд шуд.

Эй лолаи дилсӯхтаи доманчок,
Дорӣ рухи аз доғи дарун оташнок.
Аз хок зи нав баромадӣ,
чист хабар
З-он гул, ки ба тозагӣ фурӯ рафта ба хок?

Хиште, ки рӯзи марг маро зери сар ниҳанд,
Дорам ҳамин мурод, к-аз он хоки дар ниҳанд.

Атри кафан зи хоки дарат кардам орзӯ,
Охир бубин, ки мебарам ин орзӯ ба хок.

Фалак бар хеш печон аждаҳоест,
Паи озори мо зӯрозмоест.
Гирифторем дар печухами ӯ,
Раҳидан чун тавонем аз дами ӯ?

Хуш он ошиқ, ки чун ҷонаш барояд,
Ба бӯи васли ҷононаш барояд.

Ба симу зар ҷавонмардӣ тавон кард,
Хуш он кас, к-ӯ ҷавонмардӣ ба ҷон кард.

*Ҷомӣ*

Назди арбоби яқин дори фано ҷое нест,
Ватани аслии ин тоифа ҷои дигар аст.

Ту бирафтию дили халқи ҷаҳон зор бимонд,
То қиёмат ба фироқи ту гирифтор бимонд.
З-оташи оҳи дили сӯхтагон то ба абад
Дудҳо дар хами ин гунбади даввор бимонд.

Ҳама бурданд ба афғону дили чок туро
Ҷой карданд чу ганҷе ба дили хок туро.
Сари покони ҷаҳон будӣ,
аз он эзади пок
Пок оварду дигар бурд ҳамон пок туро.

Ҳама бурданд орзу бар хок,
Хок дигар чӣ орзу дорад?

*Фонӣ*

Гузашт умру диламро илоҷи дард нашуд,
Дареғу дард, ки бечора ҳарчи кард, нашуд.

*Сайфии Бухорой*

Дар ишқи ту аз ҷаҳон гузаштам,
В-аз ҷумла гузаштагон гузаштам.

Бе рӯи ту бар дари лаҳад пой
Бинҳодаму аз ҷаҳон гузаштам.

*Мактабии Шерозӣ*

Шӯълаем, аммо зи сӯзи дил сияҳпӯшем мо,
Чун чароғи лола месӯзему хомӯшем мо.

*Осафӣ*

Сар ба сар нӯши ин ҷаҳон неш аст,
Он чӣ марҳам намоядат, реш аст.
Дил манеҳ бар ҷаҳони печопеч,
Қ-аввалу охираш бувад ҳама ҳеч!

*Ҳотифӣ*

Гар ба хокам гузарад Юсуфи гулпираҳанам,
Бӯи пирохани Юсуф шунаванд аз кафанам.

Пас аз мурдан чу дар парвоз ояд мурғи ҷони ман,
Чу мурғони ҳарам бар гирди қасру манзарат гардам.

Ишқбозон ҳама бо ному нишонанд вале
Он, ки дар ишқи ту беному нишон аст, манам.

Ба хоки ман гузаре кун чу дар вафои ту мирам,
Ки зинда гардаму бори дигар барои ту мирам.

Ба роҳи ишқи ту хокам, тариқи ман ин аст,
Дар ин тариқ набошад касе баробари ман.

Мурдам аз ин алам, ки намурдам барои ту,
Эй хок бар сарам, ки нашуд хоки пои ту.

Баъди мурдан агар аз қолаби ман хишт зананд,
Ояму боз шавам хишти дари майхона.

Ҳар кас, ки нест куштаи ишқат,
ҳалок беҳ,
Ҳар кас, ки нест хоки раҳат,
зери хок беҳ!

Рӯзу шаби ман ба гуфтугӯи ту гузашт,
Солу маҳи ман ба ҷустуҷӯи ту гузашт.

Умрам ба тавофи гирди кӯи ту гузашт,
Алқисса,
дар орзуи рӯи ту гузашт.

Ҳар қаср, ки аз замин сар афрохт,
Даври фалакаш зи по дарандохт.
Ҳар сарви сиҳӣ,
ки сар баровард,
Боз омаду хок бар сараш кард.

Ҳар ҷо сухани ҳаёт гӯянд,
Дар қофияаш мамот гӯянд,
Мағрур машав ба айши фонӣ,
Рӯ ор ба мулки ҷовидонӣ.

*Ҳилолӣ*

Аҳли оламро зи мо гар буд дар хотир ғубор,
Мо зи олам меравем,
эй аҳли олам, хайр бод!

Пас аз мурдан чу гардад хок ҷисми хоксори ман,
Наёрад бар забон номам ба ҷуз лавҳи мазори ман.

Рафтем мову доғи ту бурдем ёдгор,
Дар ёди мо ту ҳам дили моро нигоҳ дор!

Дареғу дард аз ин мардумон, ки хок шуданд,
Ба теғи марг ҷигаррешу синачок шуданд.

*Восифӣ*

Қас хабардор нашуд з-омадану рафтани ман,
Сар ба ҷайб омадаму пой ба домон рафтам.

Ба мурдан ҳам наяфтад аз баландӣ рутбаи номам,
Ба ранги мурдан фирӯза тобут аз кафан дорам.

Қасе, ки шуд зи шитоби ҳаёти хештан огаҳ,
Зи торҳои нафас баҳри хеш ёфт кафанҳо.

Баҳраманди нест аҳли ҳирсро омоли кас,
Устухон дандон намегардад даҳони гӯрро.

Хуни ҷунун зи турбати мо ҷӯш мезанад,
Болу парест риштаи шамъи мазори мо.

Аз мазорам гирдбоди сурма хезад баъди марг,
Баски дорад гардиши чашми ту саргардон маро.

Ҳар кас маро ба хуни дил олуда диду гуфт:
Бошад кафан зи атласи сурх ин шаҳидро.

Мурдан ғубори софии тинат намешавад,
Оина мекунанд зи санги мазори мо.

Зи мавти мост ба рӯи ҳаёти мо ранге,
Шукуфта лолаи дастори мо зи турбати мо.

Пас аз вафот надорем мотамафрӯзе,
Шарори санги мазор аст шамъи турбати мо.

Умрам ба гарди кулфат аз ин хокдон гузашт,
З-ин дашт моҳтоб чу реги равон гузашт.

Панҷаи хуршед дар чашмам пари парвонааст,
Субҳ шамъи турбати равшанзамире будааст.

Зи бас бисӯхт танам, баъди марг ҳам наздик
Зи барқи санги мазор оташам ба гӯр афтад.

Зӯри касе ба зӯри муҳаббат намерасад,
Молидааст ишқ сари осмон ба хок.

Бӯи гул аст партави шамъи мазори мо,
Аз баски бурдаем ғами гулрухон ба хок.

Ба мурдан онҷунон корам кашид аз заъфи пириҳо,
Ки аз мӯи сафеди хештан тори кафан дорам.

Бигзарад он ёсуманпӯш аз сари хокам агар,
То қиёмат аз мазорам ёсуман ояд бурун.

*Шавкати Бухороӣ*

Шеваи чархи ситамгар доимо оҷизкушист,
Алҳазар, эй дӯстон, аз душмани номарди мо!

Хуфтагони хокро ёди рафиқон доғ кард,
Дӯстон, аз якдигар беҳуда ранҷидан чаро?

Бе рафиқ имрӯз пои худ дар ин раҳ мондаам,
Эй мусулмонон, дуо созед, корам бо худост!

Мурдаи фарзанди қобил ҳайф бошад зери хок,
Умрҳо бар дӯши Рустам қолаби Сӯҳроб буд.

Ҳаёти одамӣ чун об доим рӯ ба раҳ дорад,
Ки ман ин корвонро рӯй дар манзил намедонам.

Гар ба тавфи хокам он ошиқнавоз ояд бурун,
Аз сари хокам ба ҷои сабза ноз ояд бурун.

Чашм пӯшида гузар мекунам аз боғи ҷаҳон,
Ин чаман баски надорад гули бар сар заданӣ.

Надод аз меҳрубонӣ кавкабамро бар фалак ёрӣ,
Илоҳӣ офтоб аз тоқи чархи нилгун афтад!

*Саидо*

Ба меҳри модари гетӣ макаш ранҷи умед ин ҷо,
Ки хунҳо мехӯрад то шир мегардад сафед ин ҷо.

Хок гардидему аз мо орзуе гул накард,
Рангу бӯи сабзаҳои пайсипар дорем мо.

Оҳ аз ғубори мо,
ки ҳавогири шавқ нест,
Яъне ба хок рехтааст осмони мо.

Мурдаам, аммо зи осоиш ҳамон бебаҳраам,
Бо кафи хокам ҳанӯз он тифл дорад корҳо.

Зиндагӣ нақди ҳазор озор аст,
Ҳар қадар кам шумарӣ, бисёр аст.

Дили ҷамъе, ки тавон ёфт, куҷост,
Ғунча ҳам як сару сад дастор аст.

Мурда ҳам фикри қиёмат дорад,
Орамидан чӣ қадар душвор аст.

Хаёли зиндагӣ дардест, Бедил,
Ки ғайр аз марг дармоне надорад.

Бе вуҷуди мо ҳамин ҳастӣ адам хоҳад шудан
То дар ин ойина пайдоем, олам олам аст.

Таъзими мазори рафтагон саҳл магир,
Ин хок ду рӯз пеш гардун будаст.

Бедил, ман аз вуҷуди адам кардам интихоб
Беихтиёр мурдану ночор зистан.

Худовандо, ба он нури назар дар дида ҷо бинмо,
Ба қадри интизори мо ҷамоли муддао бинмо.

Табассум зери лаълаш гар нишон пурсад
ғуборамро,
Бибӯсад то қиёмат бӯи гул хоки мазорамро.

Рангҳо дошт баҳори ману мо, лек чӣ суд?
Гули ин боғ нахандид ба коми дили мо.

Ёрон, дар ин замона намондаст бӯи меҳр,
Пайдо кунед бар фалаки дигар офтоб.

Ҳаққи зоти туст саъйи дастгириҳои халқ,
То абад, ё раб,
асои нотавонон бинамат.

Марг ҳам заҳматкаши ҳастист то рӯзи ҳисоб.
Манзили мо ҷамъ дорад печутоби роҳро.

Дар адам ҳам қисмати хокам ҳамин оворагист,
Марг оғози маро анҷом натвонист кард.

Ҳар киро дидам дар ин ибратсаро,
Баҳри мурдан зиндагонӣ мекунад.

Чӣ оғӯш аст, ё раб, мавҷаи дарёи раҳматро,
Ки ҳар кас раҳ надорад ҳеҷ сӯ,
сӯи ту меояд.

Ба хоки мо қадам оҳиста бигзор,
Мабодо бишканад дар зери по дил.

Дар ин ҷунункада ин аст ногузири табоеъ,
Ки ноладу тападу гиряду сарояду ханда́д.

Ба гарди қофилаи рафтагон расидан нест,
Нафас масӯз, ки бисёр пеш тохтаанд.

Маншури азоби абад аст ин, ки пас аз марг
Дар лавҳи мазорам дили бемор нависанд.

Мақсади халқ ба ҷуз хок шудан чизе нест,
Ё раб, ин бехабарон бо чӣ шугун меоянд

Пеш аз аҷал таҳияи мурдан камоли мост,
Он беҳ, ки фикри бегаҳи худро пагаҳ кунед.

Гар ба хулдам баранду гар ба ҷаҳим,
Ёди он гулъузор хоҳам кард.

Зери фалак аз мунъиму дарвеш мапурсед,
Гар хона ҳамин аст, ҳама хонахаробанд.

Олами имкон гузаргоҳ аст, иқоматгоҳ нест,
Хоҳ бар ҷо хуфта, хоҳӣ ланг мебояд гузашт.

Халқ дар мавту ҳаёт аз суфу атлас то кафан
Ҳар чи пӯшад з-ин сиёҳиву сафедӣ, мотамист.

Халқ дар хок интизори субҳи маҳшар мекашанд,
Зиндагӣ бо мурдагон дар гӯр бо ҳам рафтааст.

Чи авҷи сипеҳру чи зери замин,
Ба ҳар ҷо туӣ, ҷои ором нест.

Олами асбоби ҳастӣ чун адам чизе надошт,
Ҳар киро дидем, дарвеш омаду дарвеш рафт.

Он қиёмат, ки аҷал мегӯянд,
Агар имрӯз набошад, фардост.

Аҷзи бисоти эътибор аз мадади ғурур чанд?
Банда ба худ намерасад то ба худо намерасад.

Он тарафи эҳтиёҷ анҷумани кибриёст,
Чун зи талаб даргузашт, банда худо мешавад.

Имрӯз паи ному нишон чанд давидан?
Фардо, ки гузаштед, на онед, на инед.

Зардӯстон, таҳияи роҳи адам кунед,
Қорун ба зери хок паи ҷамъи мол рафт..

Бетааммул аз мазори мо, шаҳидон, нагзарӣ
Хоки домангири мо беш аз ҳино занҷири пост.

Пок омадему хок шудем, ин чӣ зиллат аст?
Анҷоми кори ҳеҷ кас ин ҷо накӯ нашуд.

Куштаи теғи нигоҳи лоларӯёнем мо,
Шамъи доғе бар сари лавҳи мазори мо занед.

Фитнае дорад ҷаҳони мову ман, к-аз офаташ
Зиндагонӣ оқибат муҳтоҷи мурдан мешавад.

Ҳаво ҳар ҷо барангезад ғубор аз хоки маҷрӯҳон,
Ҳамин овоз меояд, ки ночор инчунин бояд.

Баъди мурдан ҳам зи хоки ман гаронҷонӣ нарафт,
Аз дили сангин ҳамон лавҳи мазорам кардаанд.

*Бедил*

Дур бод аз тан саре, к-ороиши доре нашуд,
Бишканад дасте, ки ҳам бар гардани ёре нашуд,
Дар қиёмат сар чӣ сон берун кунад аз ҷайби хок
Синаи ҳар кас, ки доғи лоларухсоре нашуд.

Баски шуд хуни ҷигар дар зиндагонӣ қути ман,
Барнахезад баъди мурдан аз замин тобути ман.

Киштии умр фурӯ рафт ба тӯфони аҷал
Рафт бар боди фано оқибат ин хонаи мо.

Дар мазори мо-ғарибон на чароғе, на гуле,
На пари парвона сӯзад, на садои булбуле.

То зи хонам ба тахи хок нишон хоҳад буд,
Чашми уммед ба роҳат нигарон хоҳад буд.

Баски дар дил доғ дорам, лола рӯяд бар замин
Баъди мурдан гар маро мадфуни зери гил кунанд.

Ба зери хок ба наъшам чи ҳоҷати кафан аст,
Шаҳиди теғи муҳаббат зи хун кафан дорад.

Сару саҳрои маҳшарро,
ки рашки гулситон гардад,
Аҷал пинҳон ба зери хок бас хунин кафан дорад.

Бӯи хун ояд аз он маъвои савдои ҷунун
Сабза гар аз турбати ман баъди мурдан сар
кашад.

Таҳи хок ошиқонро то напиндорӣ, ки хомӯшанд
Ки аз санги мазорам нолаву фарёд меояд.

*Махфӣ*

Ҳазор афсӯс аз он шохи ҷавонӣ,
Ки бишкаст аз дами боди хазонӣ.

Матарс аз марг агар ҷонро ниёз аст,
Ки баъд аз мурданат умре дароз аст.
Хирадманд он бувад,
к-аз кордонӣ
Ғами мурдан хӯрад дар зиндагонӣ.

Эй он, ки зи ман ба ёдгорӣ,
Ин панд зи ман ба ёр дорӣ,

Ҷони падар,
ар расӣ ба ҷое,
Бар ҷони падар дамӣ дуое.

Мо ҳеҷкасони кӯи ёрем,
Мо сӯхтагони хомкорем.

Чун модари ман ба зери хок аст,
Гар хок ба сар кунам, чӣ бок аст?
Эй модари ман,
куҷоӣ охир,
Рӯй аз чӣ наменамоӣ охир?
Хандон зи дили замин бурун ой,
Бар гиряи зори ман бубахшой.
Ҳар ҷо, ки зи пои ту ғуборест,
Моро зи биҳишт ёдгорест.

Дирам дар ҷаҳон баҳри хуш хӯрдан аст
На аз баҳри зери замин кардан аст
Зареро, ки дар гӯр кардӣ ба зӯр,
Чӣ ғурат кунад,
сар барорад зи гӯр.
На беҳтар зи туст ин гили зарнамой,
Ки ӯ монаду ту намонӣ ба ҷой...

Зи мулки худодода дил шод кун,
Зи модар чӣ овардаӣ, ёд кун.

Чунон кун зиндагонӣ дар замона,
Ки аз вай зинда монӣ ҷовидона.

Дӯстон, к-аз паи ту дар шӯранд
Бо ту ҳамроҳ то лаби гӯранд.
Ҳаст то хок ҳамраҳи ту басе,
Нест дар хок ҳамраҳи ту касе.

Фалакро бод, ёраб, сина сад чок,
Ки ин сон арҷмандонро кунад хок!

Чун ҳеҷ дӯст нест вафодортар зи хок,
Маъмурае хуҷаста чу гӯри хароб нест.

Чун ба гетӣ ҳар кӣ меояд, равон хоҳад гузашт,
Хуррам он кас, к-ӯ накӯном аз ҷаҳон хоҳад гузашт.

Шаҳиди ишқ, ки шуд ёр дар зиёрати ӯ,
Муборак омаду фархунда хилъати кафанаш.

Ҷон бе ту супурданам муборак бодо!
Заҳмат зи ту бурданам муборак бодо!
Гар рӯи муборакат надидам боре,
Дар кӯи ту мурданам муборак бодо!

Он лолаву гул, ки бӯстон сохт ҳама,
Донӣ зи куҷо алам барафрохт ҳама?
Азбаски замин сер шуд аз хӯрдани халқ,
Ҳар хун, ки дар ӯ буд, барандохт ҳама.

На зери пои ту мурдам, на бар сари кӯят,
Дареғи умри азизам,
ки ройгон бигзашт.
Ва хидматат нарасидему умр охир шуд,
Зи Каъба дур фитодему корвон бигзашт.

Гузаштагони ҷаҳон ҳоли хеш чун гӯянд,
Ки зери зарбати чавгони марг чун гӯянд.
Ғами ҷанозаи худ эй аҷаб чаро нахӯранд,
Касон, ки дар паи тобути мурдагон мӯянд?

Бӯи роҳат дар ҳама олам намонд,
Одамият дар бани одам намонд.

Чанд пурсӣ аз накуномӣ аз он-к,
Некноме дар ҳама олам намонд.
Як нафас даркор буд, он ҳам гусаст,
Ним ҷоне монда буд, он ҳам намонд.

Сари гӯри ман агар бигзарӣ, эй сарви равон,
Сарви ту бингарам аз дуру равон бархезам.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Аз осмон чу мерасадат оқибат завол
Хуршедсон ба Мағрибу Машриқ давида гир.

Раҳнавардони талаб зинда ба манзил нарасанд,
То намиранд аз ин баҳр ба соҳил нарасанд.

*Файзии Даканӣ*

Умрест, ки ҷуз шикваи мо кор надорад,
Дӯзед лаби гӯр ба тори кафани мо.

Мӯи сафеди мост ҳама гарди осиё,
Шуд қути осиёи фалак устухони мо.

Сар ҳамчу тори сабҳа ба сад дар кашидаем,
Охир расидаем ба худ, орамидаем.
Осудагӣ ба гӯшаи ҳастӣ надидаем,
Ҷон додаему кунҷи мазора харидаем.

Буд сармояи ман ҷомаю ҷоне охир,
Ҷон гарав,
ҷома гарав канда гирифтам кафане.

Ғурбати шоҳу гадо зери замин яксон аст,
Мекунад хок барои ҳама кас ҷо холӣ.

Эй хушо ҳоли сабуксоре,
ки дар роҳи талаб
Хонабардӯшасту бори хонааш бар дӯш нест.

Рафт монанди шишаи соат
Умри ман дар нафасшумориҳо.
Рӯзии мо наяст ғайр аз хок,
Хок бар фарқи молдориҳо.

Ҳамчу оташ равшан аз ман буд шамъи ҳар мазор,
Ман, ки мурдам, кас чароғе бар сари хокам
насӯхт.

Муддати шодию ғам нест баробар ба ҷаҳон,
Гиряи шамъ шабе, хандаи субҳ аст даме.

Чун шикасти дасту поям марҳами дигар надошт,
Оқибат бар хеш бастам тахтаи тобутро.

Ҷуз зери хок ҷои мани хоксор нест,
Рӯи замин зи мардуми болонишин пур аст.

*Ғании Кашмирӣ*

Машав ошиқ, ки ҷонатро бисӯзад,
Ғами ишқ устухонатро бисӯзад.

Мусулмонон, саломат беҳ, чу битвонед, ман
гуфтам,
Дили бечорагон аз худ маранҷонед, ман гуфтам.

Ғурбати шоҳу гадо зери замин яксон аст,
Мекунад хок барои ҳама кас ҷо холӣ.

Эй хушо ҳоли сабуксоре,
ки дар роҳи талаб
Хонабардӯшасту бори хонааш бар дӯш нест.

Рафт монанди шишаи соат
Умри ман дар нафасшуморииҳо.
Рӯзии мо наяст ғайр аз хок,
Хок бар фарқи молдориҳо.

Ҳамчу оташ равшан аз ман буд шамъи ҳар мазор,
Ман, ки мурдам, кас чароғе бар сари хокам
насӯхт.

Муддати шодию ғам нест баробар ба ҷаҳон,
Гиряи шамъ шабе, хандаи субҳ аст даме.

Чун шикасти дасту поям марҳами дигар надошт,
Оқибат бар хеш бастам тахтаи тобутро.

Ҷуз зери хок ҷои мани хоксор нест,
Рӯи замин зи мардуми болонишин пур аст.

*Ғании Кашмирӣ*

Машав ошиқ, ки ҷонатро бисӯзад,
Ғами ишқ устухонатро бисӯзад.

Мусулмонон, саломат беҳ, чу битвонед, ман
гуфтам,
Дили бечорагон аз худ маранҷонед, ман гуфтам.

Дар ин бӯстон ки дил бастед, агартон дастрас
бошад,
Барои худ дарахти нек биншонед, ман гуфтам.

Аз нӯши ҷаҳон насиби ман неш омад,
Тири аҷалам бар ҷигари реш омад,
Кӯтаҳ сафаре гузида будам, лекин
З-он ҷо сафаре дароз дар пеш омад.

Афсӯс, ки дар умр дарозим набуд,
Хатте зи замонаи маҷозим набуд,
Биншонд маро фалак ба бозӣ дар хок,
Ҳарчанд замони хокбозим набуд.

Чун равӣ бар сари хоке бинигар, к-андар вай
Чун ту дар ҳар қадаме хуфта ҳазоре бошад.

*Авҳадӣ*

Қасоне, ки сад ҳамчу мо дар ҷаҳон,
Тавоноиву сарварӣ доштанд,
Дар ин хобгоҳи адам хешро
Муқимони ҷовид пиндоштанд.
Чу вақти раҳил омад, он ҷумларо
Бирафтанду бар роҳ бугзоштанд.

*Исмати Бухороӣ*

Машав ба мулки Сулаймону моли Қорун шод,
Ки мулку мол бувад дар раҳи ҳақиқат бод.

Дар ин водӣ онҳо, ки раҳ рафтаанд,
Дар аввалқадам тарки сар гуфтаанд.

*Хоҷу*

Мурдам ба доғи лоларухон, гиряҳои абр
Хоҳам ки лолазор кунад мадфани маро.

*Фузулӣ*

Қӯтоҳ соз риштаи омоли хешро,
Маспанд дар шиканча пару боли хешро.
Дилвопасон ба ҳеҷ мақоме намерасанд,
Бифрист пештар зи аҷал моли хешро.

Дар сияҳхонаи афлок дили равшан нест,
Ахгаре дар таҳи хокистари ин гулхан нест.
На ҳамин мавҷ зи омадшуди худ бехабар аст,
Ҳеҷ касро хабар аз омадану рафтан нест.

Ҳар шишаҷон хазинаи асрори ишқ нест,
Номус шишаест, ки дар бори ишқ нест.
Базмест бечароғу кадуест бешароб,
Дар ҳар диле,
ки давлати бедори ишқ нест.

Ҳар кӣ омад дар ғамободи ҷаҳон чун гирдбод,
Рӯзгоре хок хӯрд, охир ба ғам печиду рафт.
Вақти он кас хуш, ки чун барқ аз гиребони фалак
Сар бурун оварду бар вазъи ҷаҳон хандиду рафт.

Давлати рӯзгор дар гузар аст,
Партави офтоб дар ба дар аст.
Чашми беашк — абри бебором,
Дасти беҷуд шохи бесамар аст.

Сипеҳри сифла кӣ бошад, ки дасти ман гирад,
Зи хок мард ба имдоди мард мехезад.

Нест аз хуршеду моҳ ин гунбади гардон сафед,
З-устухони бегуноҳон аст ин зиндон сафед.

Аз сари хоки шаҳидон сабза гулгун медамад,
Чун набошад лолагун теғе,
ки аз хун медамад,
Хокдони баҳрро тӯфон агар обе диҳад,
То ба домони ҷазо аз хок Қорун медамад.

Агар як ҷуръаи худ ёр бар хоки ман афшонад,
Ғубори ман зи истиғно ба гавҳар доман афшонад.

На гул, на лола дар ин хорзор мемонад,
Давидане ба насими баҳор мемонад.
Маҳи тамом ҳилолу ҳилол шуд маҳи бадр,
Ба як қарор кӣ дар рӯзгор мемонад?

Чун чароғи кушта гирам зиндагониро зи сар,
Оташин рухсорае гар бар мазорам бигзарад.

Мебарад ишқ аз замин бар осмон арвоҳро,
З-ин далели осмонӣ ҳар кӣ ғофил монд, монд.

Ба сар наёмада тӯмори ишқ, ҷаҳде кун,
Ки чун қалам зи ту дар ҳар қадам асар монад.

Оқибат дар синаам дил аз тапидан бозмонд,
Баски пар зад дар қафас, ин мурғ аз парвоз монд.

То манзили ман бодияи бехабарӣ буд,
Ҳар мавҷи саробам ба назар болу парe буд.
Чун сарв дар ин боғ зи озодагии хеш
Боре, ки маро буд ба дил,
бесамарӣ буд.

Аз диёри мардумӣ дайёр дар олам намонд,
Ошноруе ба чуз девор дар олам намонд.

Чу офтоб ба ҳар заррае нигоҳ андоз,
Чу абр сояи раҳмат ба ҳар гиёҳ андоз.
Баланду пасти ҷаҳон дар қафои якдигар аст,
Агар ба моҳ барой,
назар ба чоҳ андоз.

Ҳанӯз роҳи сафар мекананд роҳравон,
Ту пеши пой надидӣ ба офтоб,
дареғ!
Ба ваъдаҳои дурӯғи замона дил бастӣ,
Шудӣ фирефтаи мавҷаи сароб, дареғ!

Ҳаргиз намешавад сафари аҳли дил тамом,
Дар хок ҳам ба гард бувад осиёи дил,
Чандон ки меравӣ, ба ниҳоят намерасад,
Беинтиҳост олами беибтидои дил.

Агар ду рӯз дар ин тира хокдон мондам,
Гумон макун, ки зи парвози ломакон мондам,
Ба бӯи васли гул аз ошён сафар кардам,
Ба васли гул нарасидам,
аз ошён мондам.

Ёди айёме, ки рӯ бар рӯи ҷонон доштам,
Обрӯе ҳамчу шабнам дар гулистон доштам.
Ин замон омад сарам бар санг, варна пеш аз ин
Болиши осоиш аз зонуи ҷонон доштам.

Чилваи барк аст нури офтоби зиндагӣ,
Гардиши чашм аст даврони ҳубоби зиндагӣ.

Ҷуз пушаймонӣ надорад ҳосили умри дароз,
Оҳу афсӯс аст ҳар сатри китоби зиндагӣ.

Маро зи рӯзи қиёмат ғаме ки ҳаст, ин аст,
Ки рӯи мардуми олам ду бор бояд дид.

Аз биёбони адам то ба шабистони вуҷуд
Дар талоши кафане омада урёне чанд.

Мурдан ба дарди ишқ ба дунё баробар аст,
Бо зиндагии Хизру Масеҳо баробар аст.

*Соиб*

Лавҳи мазори хеш зи девони худ кунам,
Яъне маро ба ғайри сухан ёдгор нест.

Дило, ҳақиқати ин ҳар ду нашъа аз ман пурс,
Ҳаёт гардеву ин марг доманафшонист.

Ошиқ шамъ асту қадри ӯро,
Вақте донанд, к-аз миён рафт.

Якрангаму дар кӯи дурангим ватан нест,
Селам, ки мадоро ба касе шеваи ман нест.
Афтодани девори куҳан нав шудани ӯст,
Ҷуз марг касе дар паи ободии ман нест.

Мо зи оғозу зи анҷоми ҷаҳон бехабарем,
Аввалу охири ин кӯҳнакитоб афтодаст.

Вазъи замона қобили дидан ду бор нест,
Рӯ пас накард ҳар кӣ аз ин хокдон гузашт.

Мазмуни сарнавишти ду олам ҷуз ин набуд,
Он сар, ки хок шуд ба раҳ, аз осмон гузашт.

Марги фарзанд надид он, ки сухан зодаи ӯст,
Қошки умри падар садяки авлод бувад.

Ҳунар моро чунин ноком дорад,
Чароғи хонаи дунё бисӯзад!
Фалак аз сардмеҳрӣ сӯхт моро,
Чу он нахле, ки аз сармо бисӯзад.

Чунин ки сӯҳбати ман бо замона дарнагирифт,
Аҷаб ки бар сари хокам чароғ даргирад.

Мазҳаби бандаву озод ҳамин як ҳарф аст,
Чист озодии кавнайн? Сабукбории дил!

Устухонам ҳамагӣ шона шавад баъд аз марг,
Баски дар орзӯи зулфи парешони туам.

Уммеди ком ёфтан аз рӯзгори мо
Фикри гулоб аз гули ахтар кашидан аст.
Баҳрест зиндагӣ,
ки наҳангаш ҳаводис аст,
Тан киштӣ асту марг ба соҳил расидан аст.

Сад ранг нола дорад бемори зиндагонӣ,
Ин аст андалеби гулзори зиндагонӣ,
Аз шаҳрбанди ҳастӣ пеш аз аҷал бурун шав,
То бар сарат наафтад девори зиндагонӣ.

Ҳамчу моҳӣ ғайри доғам кӯшиши дигар набуд,
То кафан омад,
ҳамин як ҷома бар тан доштам.

Қудрат чу нест, мурдан аз зиндагист хуштар,
Сад бор сарбурида беҳтар зи парбурида.

Ба зери хок таби ҳачру ранчи рашк ба чост,
Қадом дарди маро, эй ачал, даво кардӣ?

Зиндагонӣ роҳаташ дар ибтидою интиҳост,
Ё лаҳад чои фароғат ё канори модар аст.

З-ин сон, ки чаҳонро хабаре аз ғами мо нест,
Мо ҳам хабаре аз ғами айём нагирем.

*Қалим*

Сохтам сад офтобу ахтарам равшан нашуд,
Қош мебуд ихтиёри осмонсозӣ маро!

Эмин аз эҳсони кӯтаҳфитратон маншин, ки хок
Гар диҳад ноне ба одам, чони одам мехӯрад.

*Нозими Ҳиротӣ*

Дар гулистон на баҳору на хазон мемонад,
Самари боғи ту некист, ҳамон мемонад.
Ҳар кӣ бошад, бувадаш роҳ ба дарвозаи марг,
На баду нек, на пиру на чавон мемонад.

*Кироми Бухороӣ*

Чуз муҳаббат ҳар чӣ бурдам, суд дар маҳшар надошт,
Дину дониш арза кардам, кас ба чизе барнадошт.

Ҳамчу мурғи тезпар рафтам ба сӯи офтоб
Он қадар, к-аз гармияш оташ ба болу пар задам.

Бас харобем, зи якдигарамон нашносанд
Мондаем аз деҳи ғоратзада вайроне чанд.
Кушта аз бас ба ҳам афтода, кафан натвон кард,
Фикри хуршеди қиёмат куну урёне чанд.

На фавти сӯҳбати ин дӯстон ғаме дорад,
На марги мардуми ин аҳд мотаме дорад.

Гурезад аз сафи мо ҳар кӣ марди ғавғо нест,
Ҳар он кӣ кушта нашуд,
аз қабилаи мо нест.

Гӯшҳо кар гашту «ёраб, ёраб!»-ам суде накард,
Нест гӯё равзане ин сақфи қирандударо.

Хизр сад манзил ба пешам омаду нашнохтам,
Боз мебояд зи сар гирам раҳи паймударо.

Оҳиста чупон бизӣ, ки чун роҳ равӣ,
Аз рафтани ту соят огаҳ нашавад.

*Назирии Нишопурӣ*

Зардии барги хазон акси рухи зарди ман аст,
Низ сармои зимистон зи дами сарди ман аст.
Осмон низ, ки гаҳ хандаду гаҳ гиряд зор,
Дар ғаму шодӣ аз он аст,
ки ҳамдарди ман аст...
Ба сари тӯдаи хокам ба ҳақорат манигар,
Ки фалак низ ғубори сияҳ аз гарди ман аст.

*Ҳабиби Хуросонӣ*

Ҷоям ба рӯзи воқеа паҳлӯи ӯ кунед,
Ӯ қиблаи ман асту рухам сӯи ӯ кунед.
Меҳробвор бар сари лавҳи мазори ман
Нақше ба сурати хами абрӯи ӯ кунед.
Сарве баровареД баланду ба сояаш
Хокам ба ёди комати дилҷӯи ӯ кунед.

Эй марг, маро зи ёр шарманда макун,
Навмедам аз он гавҳари якдона макун.
Ёр ояду ҷон равад, худоё, нафасе
Мӯҳлат деҳу дар қиёматам зинда макун.

*Урфии Шерозӣ*

Пироҳане аз тори вафо дӯхта будем,
Чун тоби вафои ту наёвард, кафан шуд.

*Толиби Омулӣ*

Бояд ба ҳама халқ чу хешон будан,
Ё бо ҳама ҳамчу фардкешон будан.
Бенисофиву кӯриву мурдадилист
Рад кардани халқу ҳамчу эшон будан.

*Саҳобии Астарободӣ*

Ояд насими меҳру муҳаббат зи турбатам,
Хоки маро агар паси сад қарн бӯ кунанд.

*Мастураи Курдистонӣ*

Орзуҳои ҷавонӣ ҳамчу гул барбод рафт,
Орзуи марг дорам аз худои хештан.

*Маҳастии Хуҷандӣ*

Зи хоки куштагони ғам нарӯяд
Ба ғайр аз лолаи хунинкафан ҳеҷ.

Зор мурдему рухат сер надидем, дареғ,
Нуктае аз лаби лаълат нашунидем, дареғ.
Остони ту бувад мақсади арбоби вафо,
Мо ба он мақсади олӣ нарасидем, дареғ.

*Мирзо Содиқ*

Мурдему нарафт аз дили мо ҳасрати чашмаш,
Бӯи гули бодом расад аз кафани мо.

Рӯзгоре зи фалак дард кашидам, рафтам,
Алам аз миннати номард кашидам, рафтам.
Ҳуҷҷати аҳли ҷаҳон то ба дилам нашъа надод,
Пой аз ин анҷумани сард кашидам, рафтам.

Дар ҷаҳон он, ки ба коме нарасидаст, манам,
Гуле аз гулшани омол начидаст, манам.
Тирарӯзе, ки ба айёми ҳаёташ ба ҷаҳон
Ҳеҷ субҳе зи шаби ӯ надамидаст,
манам.

*Шӯхӣ*

Эй азизон, ғами моро ҳамагон ёд кунед,
Номаи ҳаҷри маро ҳар тараф эҷод кунед.

*Сӯфӣ*

Маро чу шохи суман кард тарбият айём,
Вале чӣ суд, ки маҳруми бӯстон шудаам.
Ман он гулам, ки зи ошӯби бесуботии даҳр
Накарда тоза димоғи касе, хазон шудаам.

Мо оташи савдо ба сар афрӯхтаем,
Чун шамъ бинои орият сӯхтаем.
Моем, ки чун лола зи саҳрои вуҷуд
Доғи дилу хуни ҷигар андӯхтаем.

Эй хуфта миёни хоку хора,
Ҷустӣ зи канори ман канора.
Иқболи ман аст,
инчунинӣ
Хуршеди маниву дар заминӣ.

Ҳар мартабае, ки бӯ кашидам,
Аз хоки ту бӯи ҷон шамидам.
Сар то қадами ту ҷои ҷон аст,
Аз мурдани ту шигифтам он аст.
Эй ҷони азизи ман,
куҷоӣ?
Дур аз бари ман, бигӯ,
чароӣ?

Хуррам саҳаре, ки муждагонӣ
Бахшанд ки хон, ту ҳам намонӣ,
Дар паҳлӯи ту ниҳанд борам,
Бар лавҳи мазори худ нигорам:
Моем ду наварӯс хуфта,
Ҳарфе ба муроди дил нагуфта.

*Шоҳин*

Хате бар ҳастии олам кашидем аз мижа бастан,
Зи худ рафтему ҳам бо хештан бурдем дунёро.

Умре ба тирагӣ ба сар овардаам, ки марг
Шодам ба рӯшноии шамъи мазор кард.

Хондем суханҳои муҳаббат бисёр,
Рондем суханҳои муҳаббат бисёр.
Рафтем ахир зи оламу дар олам
Мондем суханҳои муҳаббат бисёр.

Он асири тирарӯзастам,
ки умре дар ҷаҳон
Офтоб аз равзани девори зиндон дидаам.

Худоё, бар ин мурда бахшоише,
Ки нодида дарзист осоише.
Сурӯше ба дилҷӯии ӯ фирист,
Равонаш ба ҷовид минӯ фирист.

Ӯрост, агар ҳазор чизам бахшанд,
Ӯрост, агар биҳишт низам бахшанд.
Бар дӯст фидо кунам ба сад гуна нишот,
Ҷоне, ки ба рӯзи растахезам бахшанд.

Зи ман ба ҷурми тапидан канора мекардӣ,
Биё ба хоки ману орамиданам бингар.

*Мирзо Ғолиб*

Хок гардидаму лекин дили пурғам боқист,
Сина сад чок шуду манзили мотам боқист.

Наравад бӯи вафо баъди вафот аз хокам,
Дер солест,
ки овозаи Ҳотам боқист.

*Ҳасрати Ҳисорӣ*

Ҳоҷӣ, бар хокам он нигор омад,
Сангу чӯби мазор механдад.

*Ҳоҷии Қангуртӣ*

Оҳ аз даври фалак, як лаҳза дар комам нашуд,
Қуръаи фоли тараб як бор бар номам нашуд.
Хонабардӯши хаёлаш мунтазир шаб то саҳар
Як тулӯи кавкаби бахт аз лаби бомам нашуд.

Сарам ба зери қудуми ту гар ғубор шавад,
Зи юмни мақдами ту хони ман мазор шавад.
Яке гузар ба сари турбатам, ки баъд аз марг
Зи хоки ман ба раҳат наргис интизор шавад.

Сӯхтам дар оташи ҳиҷрону мурдам аз ғамаш,
Доғҳо чун лола бар лавҳи мазорам кардаанд.

Аз вуҷуди мо, ки имкон нанг дорад дам ба дам,
Хастии оғозу анҷоми адам дорем мо.
Сар назад аз номи мо як ахтар аз бурҷи шараф,
Толеъе з-иқболи худ бисёр кам дорем мо.

Чанд бошӣ дар ҳавои буду нобуди ҷаҳон?
Эътиборе нест андар буди ӯ,
нобуд бош!

Нағмаи қонуни ҳастӣ сози мизроби фаност,
Қомати пирӣ ба умри рафта оҳанги садост.
Ҳеҷ кас, Туғрал, набошад такягоҳи ҳеҷ кас,
Он кӣ дар афтодагӣ дасти туро гирад, худост!

Баски ҳастӣ ҳама сомони вуҷуди адам аст,
Сози қонуни бақоро зи фано зеру бам аст.
Дӯстон, беҳуда дар олами имкон ҳаргиз
Дили осуда маҷӯед, ки бисёр кам аст.

Баски чун анқо зи хотирҳо фаромӯшем мо,
Олам аз мо гар напӯшад чашм, мепӯшем мо.

*Туғрал*

Айёми бақо чу боди наврӯз гузашт,
Рӯзу шаби мо ба меҳнату сӯз гузашт,
То чашм ниҳодем ба ҳам, субҳ дамид,
То чашм кушодем зи ҳам, рӯз гузашт.

*Асирӣ*

Мо санги мазорем, ту нурӣ, чӣ муносиб,
Бе нур нишастан ҳунари санги мазор аст.

*Васлӣ*

Акнун риоятат ба чӣ мемонад, эй сипеҳр,
Шамъе, ки баъди марг биёрӣ ба турбатам?

*Нахлӣ*

Мо одамӣ ба гуфтан олам намешавем,
Маълуми олам аст,
ки одам намешавем.

*Одамии Самарқандӣ*

Мо сияхбахтему бадрӯзему ахтарсӯхта,
Шамъи мақсуде барои худ шабе н-афрӯхта.

*Мавлоно Муҳаммади Олим*

Хаёли бекасии ман вафо ба ёдаш дод,
Ба ҷои шамъ дил овард,
бар мазорам сӯхт.

*Саиди Эъҷоз*

Мебарад охир туро хоби адам, бедор бош,
Омаду рафти нафасҳо ҷунбиши гаҳвора аст.

*Ваҳид*

Он, ки худро нафасе шод надидаст, манам,
Он ки ҳаргиз ба мурode нарасидаст, манам,

Он ки чун ғунчаи пажмурда дар ин боғ басе,
Ба дилаш боди мурode навазидаст,
манам.

*Ҳумоюн*

Рӯзе, ки ба марги гул нишинад гулшан,
Булбул шавад аз марсияхонони чаман,
Мероси гулу лола чу тақсим кунанд,
Ранг аз туву нагҳат аз туву доғ аз ман.

*Шодоб*

Ҷаҳд кун дил зинда гардад,
тан чи орой ба зар,
Мурдаро суде надорад гӯри пурнақшу нигор.

*Рафеъи Воиз*

Соҳибтамаъон ба ҳар даре дун рафтанд,
Баҳри талаби рӯзии афзун рафтанд,
Ин ҷамъ зи рӯи ҳирс охир таҳи хок
Як-як ҳама аз қафои Қорун рафтанд.

*Роқим*

Ҳавои чашми ту дорад дили фарсудаи ман,
Ғубори сурма барорад зи хок мурдаи ман.

*Ғафурхони Ғафуро*

Буд чун дар санг ҷон кандан шиори Кӯҳкан,
Оқибат шуд Бесутун санги мазори Кӯҳкан.

*Мунъим*

Талхкомоне, ки дил бар марг ширин кардаанд,
Ҳамчу кӯҳ аз сангҷонӣ хоби сангин кардаанд.

*Нашъаи Қаландар*

Шарбати ҷоми фано нозам,
ки аз як ҷуръае
Масти бехуд мекунад то домани маҳшар маро.

*Хамулӣ*

Баъди мурдан нишони мо сухан аст,
Оташи корвони мо сухан аст.

*Ҳодӣ*

Ба хеч ҷо нарасидам чу ман давида-давида,
Гузаштам аз сари дунё кадам кашида-кашида.

*Ворас*

Фарёд, ки аз ҷаҳон пурармон рафтам,
Як гул нагирифта з-ин гулистон рафтам,

Накшода лабе ба ханда аз ҷаври фалак
Бо доғи дилу дидаи гирён рафтам.

*Махфии Бадахшонӣ*

Эй дил, биё назар ту ба аҳли кубур кун,
Андешаи киёмату явмуннушур кун.

*Ҷазбӣ*

То ту рафтӣ зи барам, ҷони падар, менолам,
Дарду доғи ту ба дил карда асар, менолам.
Мехӯрам хуни дил, аз хуни ҷигар менолам,
Булбулам, дар ғами гул шому саҳар менолам.
Гашт сар то қадамам пур зи шарар, менолам.

Оҳу афсӯс, ки он сарви хиромонам рафт,
Қуввати ҷону дилу нури ду чашмонам рафт,
Орзуҳо ба дил он орзуи ҷонам рафт,
Сад дареғо, зи чаман навгули хандонам рафт,
Навниҳолам нарасида ба самар, менолам.

*Мулло Қаландар*

Мо пеш зи марг қабри худ кофтаем,
То марг хабар шавад, кафан дар бари мост.

*Муборак*

Бо ноз парваридамат аз ман ҷудо шудӣ,
Аз ман гузаштию ба паноҳи худо шудӣ,
З-ин дори бевафо сӯи дорулбақо шудӣ,
Дар хоки тира банд зи бандат ҷудо шудӣ,
Боғам хазон гирифт, надонам куҷо шудӣ?

*Шамшер*

Бунёди ҳастии ҳама бар бод будааст,
Омода шав барои фанову бақо маҷӯй.

*Савдо*

Эй шохи бутон, гар ба сари турбатам ой,
Хуршед дамад чои гул
                    аз хоки мазорам.

*Ҷавҳарӣ*

Надида хотири осудае зи дасти рақибон
Ба хоку хун чу шаҳиди ҷафо
                    тапидаму рафтам.
Набуд як нафас аз умр бегумони хатарҳо,
Мисоли оҳуи ваҳшатгузин рамидаму рафтам.

*Тамҳид*

Махӯр ба марги шаҳидони кӯи ишқ афсӯс,
Ки дӯстони ҳақиқӣ ба дӯст пайвастанд.

*Муштоқ*

Гулрухонам бесабаб аз ман барошуфтанд боз,
Рух зи ман якборагӣ ин бор бинҳуфтанд боз.
Тозагулҳои маро дигар шукуфтан нест, ҳайф,
Гулситонҳо варна пажмурданду бишкуфтанд боз.

*Сабоҳии Кошӣ*

Мерасад хушқалб аз шатти Фурот Акбари ман,
                    навҷавон Акбари ман,
Саялове бикун, эй чашман чашми тари ман,
                    навҷавон Акбари ман.

То абад доғи ту, эй зодаи озоданажод,
натавон бурд зи ёд,
Аз азал кош намезод маро модари ман,
навҷавон Акбари ман.

*Яғмо*

Пеши ман мурдан ба ёди рӯи дӯст
Аз ҳаёти ҷовидонӣ беҳтар аст.

*Виқори Шерозӣ*

Ту хӯрда зарбати маргу маро баромада ҷон,
Ту карда заҳри аҷал нӯшу ман зи дард ҳалок.

*Мӯҳташам*

Раво мадор ҷавоне бимирад аз ғами ту,
Ту ҳам ҷавониву дар дил умедҳо дорӣ.

*Ироқӣ*

Синае дорӣ агар дархурди тир,
Дар ҷаҳон шоҳин бизӣ, шоҳин бимир.

Дар ҷаҳон натвон агар мардона зист,
Ҳамчу мардон ҷон супурдан зиндагист.

Роҳ душвор аст, сомон кам бигир,
Дар ҷаҳон озод зӣ, озод мир.

Ҳар кӣ аз банди худӣ вораст, мурд,
Ҳар кӣ бо бегонагон пайваст, мурд.

Чу рахти хеш барбастам аз ин хок,
Ҳама гуфтанд: бо мо ошно буд.
Валекин кас надонист ин мусофир,
Чӣ гуфту бо кӣ гуфту аз куҷо буд.

Ин ҷаҳон сайд асту сайёдем мо,
Ё асири рафта аз ёдем мо?

Гар наҷоти мо фароғи ҷустуҷӯст,
Гӯр хушта аз биҳишти рангу бӯст.

Гарчи мо мурғони беболу парем,
Аз худо дар илми марг афзунтарем.

Хуфта дар хокистари имрӯзи мо
Шӯълаи фардои оламсӯзи мо.

Гарчи мисли ғунча дилгирем мо,
Гулситон мирад, чу мемирем мо.

*Иқбол*

...Хабар ин аст, ки бо теғи ситам кушта шудаст
Додарам — қуввати рӯҳу дилу қути ҷигарам.
Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми сарам,
Ҷигарам, во ҷигарам,
во ҷигарам, во ҷигарам!

Ҳар сарвқаде, ки қад барафрохт,
Охир ба мағоки хок ҷо сохт.

Ҳар моҳрухе, ки рух барафрӯхт,
Охир ба шарораи фано сӯхт.

*Айнӣ*

Ҷон ба қурбони шаҳиде, ки пас аз кушта шудан
Ғуслаш аз хун буваду гарди ғарибӣ кафанаш.

Зи баъди мурдани ман дидӣ ар заминеро,
Ки шӯъла хезад аз он ҷо, бидон мазори ман аст.

Оташ агарчи сӯхт тани нотавони ман,
Гул кард ишқу монд ба олам нишони ман.
Қабр аз барои ман чӣ зарур аст, чун бувад,
Дилҳои поки фаълаву деҳқон макони ман.

Дӯзах аст ин, дӯзах аст ин, дӯзах ин дунёи зишт,
Мурдам андар ҷустуҷӯят,
пас куҷоӣ, эй биҳишт?

*Лоҳутӣ*

Аз хуни ҷавонони Ватан лола дамида,
Аз мотами сарви қадашон сарв хамида,
Дар сояи гул булбул аз ин ғусса хазида,
Гул низ чу ман дар ғамашон ҷома дарида,
Чӣ каҷрафторӣ, эй чарх...

*Орифи Қазвинӣ*

Умре ба абас рондаму ҳар нақши диловез
Бепарда чу дарёфтамаш, нақши хато буд.

Ҷуз марг, ки якто дари зиндони ҳаёт аст,
Боқӣ ҳама деворан дарвозанамо буд

*Фаридун Таваллалӣ*

Гурсина, барҳана, бемор тавон зист, вале
Як нафас ҳам натавон бурд ба сар беватано.

Ёраб, ба касоне,
ки ҷигар сӯхтаанд,
Якъумр матоъи дард андӯхтаанд,
Қун хок ба роҳи он ҷавонмардонам,
К-аз ҳар чӣ ба ҷуз ту,
дида бардӯхтаанд.

Маргро нозам, ки аз ғафлат раҳо созад маро,
Хоби мо ошуфтаҳолонро дигар таъбир нест.

Аз хонаи хеш рахт бастӣ,
Эй мӯнису меҳрубони модар.
Боз о, ки ҳанӯз фарш бошад
Дар роҳи ту дидагони модар.
Танҳо ба ғами ту хун нарезад,
Аз синаи хунчакони модар.
Бар марги ту осмон бигиряд,
Меҳру маҳу ахтарон бигиряд.

Эй тӯтии хушнаво, ки бинҳод
Ин мӯҳри сукут бар лабонат.
Афсӯс, ки ҷони дидаи ман,
Оғӯши лаҳад шуд ошёнат.
Ҷуз бум дар он хароба кас нест,
То гӯш ниҳад ба достонат.

Бар марги ту осмон бигиряд,
Меҳру маҳу ахтарон бигиряд.

Эй навгули бӯстони модар,
В-эй гумшуда з-ошёни модар.
Эй кавкаби бахти чеҳраафрӯз,
Торик шуд осмони модар.
Эй рафта ба хоби ноз, бишнав
Фарёди дил аз забони модар,
Бар марги ту осмон бигиряд,
Меҳру маҳу ахтарон бигиряд.

Салом бод бар ин остони хунолуд,
Дуруд бод бар ин ёдгори ашкандуд.
Ҳамеша давлати сарсабзии шаҳидон бод
Ки гаштаанд ба хун сурх зери чархи кабуд.

Эй мушти гил, ин ғурури беҷои ту чист?
Як бор ба худ нигар, ки маъвои ту чист?
Як ҷаъбаи устухон, ду паймонаи хун,
Пинҳони ту чист, ошкорои ту чист?

Аз марг натарсам, ки мададгори ман аст,
Дар рӯзи пасин мӯнису ғамхори ман аст.
Аҷдоди маро бурда ба сарманзили хок,
Ин маркаби хушхиром раҳвори ман аст.

Эй нури ду дидаам, дареғо
Рухсори ҷаҳон надида рафтӣ.
Эй шохи гул,
 аз баҳори умрат,
Як барг гуле начида рафтӣ.

Дар домани кӯҳсор хуфтӣ,
Эй духтари кӯҳсор, афсӯс.

Бо ахтари субҳ аҳд бастӣ,
Эй ахтари тобдор, афсӯс.

Аз ту, эй шохи гул, эй зиннати бӯстон, афсӯс,
Аз ту, эй равшании чашми азизон,
афсӯс.
Ҷои он дошт, ки резад ба арӯсии ту гул,
Ба мазори ту сабо гашт гулафшон,
афсӯс.

Гар хоки дари ёр нарӯфтем, гузашт,
Гар таънаи ағёр шунуфтем, гузашт.
Он сӯз, ки дар синаи мо пинҳон буд,
Гуфтем гузашт,
гар нагуфтем гузашт.

Қадам аз ҳадди худ берун зада марг,
Алам бар хаймаи гардун зада марг.
Забун гашта ҷаҳон аз ҳикмати вай,
Лагад бар қабри Афлотун зада марг.

Зи бас бигзашта умрам дар ҷаҳон талх,
Маро гардида мағзи устухон талх.
Агар мӯре хӯрад хоку гили ман,
Бувад то маҳшараш кому даҳон талх.

Агар масҷид, агар дайру ҳарам буд,
Ба ҳар ҷо сар задам, ғам буду ғам буд.
Ба олам зеру боло ҳар чӣ дидам
Ҳама мотам,
ҳама ранҷу алам буд.

Гиёҳи ҳарзаи боғи вуҷудем,
Дар ин оташкада монанди дудем.

Чу он дуде,
ки гардад дар ҳаво гум,
Дар ин дунё на ҳастему на будем.

*Халилуллоҳи Халилӣ*

Зи баъди марг нагирад касе суроғи маро,
Ба ғайри доғ,
ки равшан кунад чароғи маро.

Ба ин фасурдадилон сӯзи мо нашуд равшан,
Фиғон, ки чарх чароғи сари мазорам кард.

Надидам рӯи хандоне дар ин боғ,
Ҷаҳон з-афсурдатабъон мурдахонаст.

*Қорӣ Абдулло*

Рафтему пой бар сари дунё гузоштем,
Қори ҷаҳон ба аҳли ҷаҳон вогузоштем.

*Раҳии Муъайарӣ*

Мо дарси муҳаббату вафо мехонем,
Ойини садоқати сафо медонем.
З-ин тирадилони сифла,
эй дил, махурӯш,
Инҳо ҳама мераванду мо мемонем.

Кист, к-аз баъди вафот аз хок бардорад маро,
Пас ба хоки кӯи он дилдор бигзорад маро.

Шояд он сангиндили номеҳрубон аз баъди марг
Бигзарад бар қабру ҳамде
бар забон орад маро.

Ишқ он қадар гудохт танамро, ки баъди марг
Бар хоки марқадам кафи хокистаре намонд.

Афсӯс, ки афсонасароён ҳама рафтанд,
Андӯҳ, ки андӯҳгусорон ҳама рафтанд.
Фарёд, ки ганҷинатирозони маъонӣ
Ганҷина ниҳоданд ба морон,
ҳама рафтанд.

Ошёни мани бечора агар сӯхт, чӣ бок,
Фикри вайрон шудани хонаи саййёд кунед.
Ҷабру бедод кунад умри ҷавонон кӯтоҳ,
Эй бузургони Ватан,
баҳри худо, дод кунед.

*Баҳор*

Ҳар кӣ бошиву зи ҳар ҷо бирасӣ,
Охирин манзили ҳастӣ ин аст.

Ҳазорон дона афшондему як гул з-он миён нашкуфт,
Ба шӯристон табаҳ кардем ранҷи боғбониро.

Ба ҷурми як-ду сабоҳе нишастан андар боғ
Ҳазор қарн дар оғӯши хок бояд хуфт.

Машав дилбастаи ҳастӣ, ки даврон
Ҳар онро зод, зод аз баҳри куштан.

Душвории ҳаводиси ҳастӣ чу бингарӣ,
Ҷуз дар ниқоби нестӣ осон намешавад.

*Парвини Эътисомӣ*

Зи чӣ ҷавҳар офаридӣ дили доғдори моро,
Ки ҳазор лола пӯшад пас аз ин мазори моро.

*Симини Беҳбаҳонӣ*

Маргам ҳама дафни орзуҳост,
Вин ганҷи ману дафинаи ман.

Ҳама дилсӯз бувад марги азизон, лекин,
Доғи ҳамсар чи хадангест, ки дилдӯзтар аст.

Ба хоки ман гузаре кун чу гул гиребончок,
Ки ман чу лола ба доғи ту хуфтаам дар хок.

Азизам, ба доғат сабурам, ки мурдан
Қазоест ҳатмиву ҳукме худой.
Вале аз ҷудоит оташ гирифтам,
Амон аз ҷудой, амон аз ҷудой.

Аҳли дунё чун мусофир хуфту хобе диду рафт,
Дар мусофирхонаи дунё шабе хобиду рафт.

Ин навҷавон,
ки дар дили хокаш гузоштем,
Даст аз сараш чу ганҷи ниҳон барнадоштем.
То соя афканад ба сари хуфтагони хок,
Ин сарвро ба қомати хобида коштем.

Сел омаду даррабуд ёронамро,
Печид бисоти навбаҳоронамро.
Ман дар сари хокашон ба чашм абри баҳор,
Меборамашон гавҳари боронамро.

Ба ғайр аз намуде ба гетӣ набудем,
Бирафтем, к-аз мо намонад намуде.

Имрӯз он, ки дар дили ин хок хуфтааст,
Ноком духтарест, ки хайр аз ҷаҳон надид.

Ман орзуи дидани рӯи ту доштам,
Рафтию монд доғи туам бар ҷигар, падар.
Ту орзуи дидани ман мебарӣ ба хок,
Ман ҳам туро ба хоб бибинам, магар,
падар.

Ҷисм қабру ҷома қабру хона қабр,
Боз лафзи зиндагон унвони мост.

*Шаҳриёр*

Гулгункафан ба хок шуду аз ғамаш зи хок,
Гулгункафан даманд гулу арғувон ҳанӯз.

Эй чарх,
аз камони ту тире раҳо нашуд,
Қ-озодае нишони ходанги бало нашуд.
Даври ту бар хилофи мурод аст эй дареғ,
Бас ком нораво шуду комат раво нашуд.

*Висоли Шерозӣ*

Гиряи ман ба сари нашъи падар беҷо нест,
Юсуф он ҷо ки бувад, гармии бозоре ҳаст.
Эй падар, ҳеҷ напурсӣ, ки дар ин анҷуманат
Болупарсӯхтае, мурғи гирифторе ҳаст.

*Давлатшоҳӣ*

Ҷӯям туро қадам ба қадам байни куштагон,
Бо шӯру изтироб таманно кунам туро.
Дар ҳайратам, ки аз чӣ биҷӯям нишони ту
Не сар, на пираҳан, чи сон пайдо кунам туро?

Баргирамат зи хоку бибӯсам гулӯи ту,
Худ навҳа модарона чу Заҳро кунам туро.
Резам ба ҳалқи ташнаи ту ашки чашми хеш
Сероб то ки, эй гули ҳумро, кунам туро.

Рафтию нақши рӯи ту бар лавҳи дида монд,
Рафтию доғи ту ба дили ғамкашида монд.
«Чун хам шудам,
ки пои ту бӯсам пайи видоъ,
Рафтиву қомати мани ғамгин хамида монд».
Оғӯши ман тиҳӣ шуду хори ҷудоият,
Дар чашми интизори ман, эй гул,
халида монд.

*Ҳасони Чойчиён*

Ин ғам куҷо барам, ки ғаматро касе нахӯрд,
Ҷуз хоҳарони бекасу тифлони ноумед.
Даҳр аз азал гирифта азоят, ки рӯзу шаб
Гесу бурид шому саҳар пираҳан дарид.

*Сафои Ҷандақӣ*

Чон ба қурбони ту, эй раҳбари озодию ишқ,
Қи равонат сари таслим наёвард фуруд.
З-он фидокории мардонаву чонбозии пок
Човидон бар туву бар ишқу вафои ту дуруд!

*М. Сиришк*

Онҳо, ки дар тариқи худо кушта мешаванд,
Ҳаргиз гумон мадор, ки нобуду мурдаанд.
Бал зиндаанд, зиндаи човиду чумлагӣ
Гӯи шараф зи арсаи офоқ бурдаанд.

*Маҳдии Ахавони Солис*
*(М. Умед)*

Танҳо наям, ки ҳамраҳи худ мебарам ба гӯр
Садҳо ҳазор нафрату нафрину орзу!

Биё, ёди шаҳидон зинда дорем,
Ки хуншон рози сурхи сарнавишт аст.
Ба мардӣ, хокашон аз хуни мо беҳ,
Ки мардӣ хокашон бо хун сиришта аст.
Бинозам ман шаҳидони Ватанро,
Ки номи сурхашон точи биҳишт аст.

*М. Умед*

Тӯфон вазиду шохаи навхези ту шикаст,
Ваз боғи умр барги умеди ту шуд чудо.
Рафтӣ бад-он диёр,
к-аз он бозгашт нест.
В-он хонадону хона чудо шуд зи кадхудо.

Гӯри хунини шаҳидон ба ту овоз диҳад:
Шӯълаеро, ки фурӯзон шуда, хомӯш макун.
Мо ба уммеди вафои ту гузаштем аз ҷон,
Дӯстонро мабар аз ёд,
фаромӯш макун.

Ҳисоби хеш накардӣ ба корзори бузург,
Тамоми умр чу сарбози ҷон ба каф рафтӣ.
Ҳамеша дар сафи ёрони халқ ҷовидӣ,
Агарчи бо тани ранҷури худ зи саф рафтӣ.

Дирӯз адӯ синаи ӯ хаст ба фӯлод,
Имрӯз ҷаҳон гул биниҳад бар сари гӯраш.
Дар шаҳри шаҳидон бувад ӯ Хусрави* ҷовид,
Тобанда ба атрофи Ватан манбаъи нураш.

Он кас, ки шӯрбахт туро хонд, бархатост,
Зеро набарди роҳи саодат саодат аст.
Зебоиву ҷавониву разми ту шеъри туст,
В-он шеъри охирин, ки сурудӣ, шаҳодат аст.

*Эҳсон Табарӣ*

Қас нест, ки бо панҷаи савдозадаи хеш,
Аз санг бурун оварад ин пайкараҳоро.
Хорошикане нест вале гӯркане ҳаст,
То дар шиками хок ниҳад пайкари моро.

*Нодирпур*

Зиндагӣ кардани ман мурдани таъҷилӣ буд,
Он чӣ ҷон канд танам, умр ҳисобаш кардам.

---

* Манзур Хусрави Рӯзбеҳ аст

Модар, бихоб хуш,
ки зи ёдам намеравӣ,
Ҷонам фидои рӯи ту,
манзил муборакат.
Модар, бихоб, Қаъбаи ман хоки кӯи туст,
Қурбони хоки кӯи ту,
манзил муборакат.

Дур аз ту, эй модар, писар танҳои танҳост,
Марги ту моро бо ғарибӣ ошно кард.
Бемодарӣ хоки ғарибӣ бар сарам рехт,
Марги ту дар рӯҳи писар тӯфон бапо кард.

*Маҳдии Суҳайлӣ*

Рафт он, ки дошт кори ҷаҳоне барор аз ӯ,
Рафт он, ки буд хонаи мулк устувор аз ӯ.

Мурда будан ба зери санг андар,
Беҳ, ки зинда ба зери нанг андар.

Тавон шунид насими вафову аҳди қадим
Зи ҳар гуле, ки дамад то қиёмат аз гили мо.

Дареғо, ки шохи гули навшукуфта,
Фурӯ рехт аз тундбоди хазоне.

Битавон кушт зиндаро, лекин
Куштаро боз зинда натвон кард.

Сарви болои ту дар хок дареғ асту дареғ,
Зери хок ин гуҳари пок дареғ асту дареғ.

Ҷон он буд, ки ҷон ту бувад дидан ман,
Ёфтӣ ҷой ту дар хок,
дареғ асту дареғ.

Бо қазо корзор натвон кард,
Гила аз рӯзгор натвон кард.

Тунд бар хоки шаҳидон мадавон маркабро,
Бохабар бош, ки хун аз сари зин мегузарад.
Бо вартае, ки умедат бурид аз ҳама ҷо,
Бубин ба кист умедат? Бидон, ки ӯст Худо!

Дар боргаҳи ҷалолат, эй узрпазир,
Дарёб маро, ки мешавам хору хакир.

Ин ду рӯзе, ки ҳаёт аст, чунон бояд зист,
Ба халоиқ, ки каму беш саное бирасад.
Вақти рафтан чу расад, низ чунон бояд рафт,
Ки зи бегонаву аз хеш дуое бирасад.

Солҳо бар ту бигзарад, ки гаҳе
Накунӣ ёди турбати падарат.
Ту ба ҷойи падар чи кардӣ хайр,
Ки ҳамон чашм дорӣ аз писарат.

Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Зери кафи пои модарон аст.

Марди дарвеш, ки бори ситами фоқа кашад,
Ба дари марг ҳамоно ки сабукбор ояд.

Чу моро ба ғафлат бишуд рӯзгор,
Ту боре даме чанд фурсат шумор.

Ғараз нақшест, к-аз ман боз монад,
Ки ҳастиро намебинам бақое.
Магар соҳибдиле рӯзе ба раҳмат,
Кунад дар хакки ин мискин дуое.

Дар ин варта киштӣ фурӯ шуд ҳазор,
Ки пайдо нашуд тахтае бар канор.

Илохӣ, ба ҳашрам ту расво макун,
Гунохе, ки махфист, ифшо макун.

Он чой, ки аброр нишастанд, нишастем,
Сад гуна шароб аз кафи икбол чашидем.
Маро хама максуд ба бахшоиши ҳақ буд,
Алминнату лиллах, ки ба максуд расидем.

Сӯи ту пӯям, ки туӣ беназир,
Бар кӣ гурезам, ки туӣ дастгир.
Нест ба чуз лутфи ту роҳи дигар,
Чуз карамат нест панохи дигар.

Гар ман биравам, ту чои ман бош ба пой,
То як ғами ман дусад нагардад дар гӯр.

Умр ба хушнудии дилхо гузор,
То зи ту хушнуд шавад кирдигор.

Худ ба ёди кӣ ояд аз паси марг,
Он кӣ дар зиндагӣ фаромӯш аст?

Ин чаҳон киштзори охират аст,
Ҳар чӣ корӣ, бараш хамон даврӣ.

Худовандо, ба лутфи хеш гӯё кун забонамро,
Миёни чаннатулмаъво муяссар кун маконамро.

Ба ҷуз гиёҳ напӯшад касе мазори маро,
Ки қабрпӯши ғарибон ҳамин гиёҳ бас аст.

Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзӯ,
Воҳасрато ки мебарам ин орзӯ ба хок.

Умре гузарондем ба мурдан-мурдан,
Мардум ба гумон,
ки зиндагонӣ кардем.

Ёдгор аз мо дар ин манзил ғами бисёр монд,
Чунки оташ рафту нақши дуд дар девор монд.

Ба зери хок ман мискину зорам,
Зи ёрон фотиха уммедворам.

Ман мемурамо, ду гӯр кобед бари ман,
Якташ бари ҳасратому якташ бари ман.

Қурратулъайни ман, он меваи дил, ёдаш бод,
Ки худ осон бишуду кори маро мушкил кард.
Оҳу афсӯс, ки аз чашми ҳасуди маҳу меҳр
Дар лаҳад моҳи камонабрӯи ман манзил кард.

Теғу тир аст бар дилу ҷигарам,
Ранҷу тимори духтару писарам.
На аз ишон хабар ҳамерасадам,
На бад-ишон касе барад хабарам.

Бирафт он гулбуни хуррам ба боде,
Дареғо мондию фарёду доде.
Чӣ шояд гуфт даврони замонро,
Нахоҳад парварид ин сифла водӣ.
Наёрад гардиши гетӣ дигар бор,
Чунин соҳибдиле, фаррухнажоде.

Гӯш бинҳодему пазруфтему хуш додем ҷон,
Ошиқ он беҳтар,
ки ҷонаш дар раҳи ҷонон шавад.

Шермардон чу азми кор кунанд,
Кор аз ин гуна мардвор кунанд.
Пеши тири бало сипар гарданд,
Назди шери аҷал гузор кунанд.

Пас аз марги ҷавонон гул мамонод,
Пас аз гул дар чаман булбул махонод!
Ба ҳасрат дар замин рафта гули нав,
Сабо бар устухонаш гул дамонод!
Ҳар он кас дил намесӯзад бар ин дард,
Худояш ҷон бар ин оташ нишонод!

Рафтем зи хидмати ту дил хун карда,
Дил хун шудаю зи дида берун карда.
Қадде чу алиф ба ишқ чун нун карда,
Хоки раҳу пушти мӯза гулгун карда.

То ҷудо гаштӣ аз канори падар,
Тира шуд бе ту рӯзгори падар.
Рӯзу шаб дар фироқи талъати ту
Нолаву навҳа гашт кори падар.
Ғамгусори падар ту будиву гашт
Бе ту ёди ту ғамгусори падар.

Эй азизи падар, куҷо рафтӣ?
Аз канори падар чаро рафтӣ?
Бар нахӯрда зи бӯстони бақо,
Сӯи кошонаи фано рафтӣ...
Аждаҳоест марги мардумхор,
Пас ту дар коми аждаҳо рафтӣ.

Эй чароғи дилам, куҷо рафтӣ,
Эй нишоти дилам, куҷо будӣ,
Қас ба гил шамсро наяндоянд,
Ту ба гил шамсро биянлудӣ.
Дар фироқи ликои хеш маро,
Сабру ғам костию афзудӣ.

Ин ҷаҳон аст ҳамчу мурдоре,
Гирди он каргасон ҳазор-ҳазор.
Ин мар ӯро ҳамезанад махлаб,
Ӯ мар инро ҳамезанад минқор.
Охируламр барпаранд ҳама,
В-аз ҳама боз монад ин мурдор.

Биҳиште будӣ гетӣ аз рангу бӯй,
Агар маргу пирӣ набудӣ дар ӯй!
Зи мо то дами марг як дам раҳ аст,
Агар дам дароз аст, агар кӯтах аст.

Бо дӯстон хӯр он чи туро ҳаст пеш аз он-к
Баъд аз ту душманони ту бо дӯстон хӯранд.

Баъд аз ҳалоки мо гузарӣ чун ба хоки мо,
Охиста нех қадам ба дили дардноки мо.

Агар аршӣ, ба фарш ойӣ, агар моҳӣ ба чоҳ уфтӣ,
Агар баҳрӣ, тиҳӣ гардӣ, агар боғӣ, хазон бинӣ.
Чи ҷони нозишу нолиш зи иқболеву идборе,
Ки то бархам занӣ дида, на ин бинӣ, на он бинӣ.

Бози ҷаҳон тезпарру халқшикор аст,
Бози ҷаҳонро ҷуз ин шикор чӣ кор аст?
Сӯҳбати дунё ба сӯи оқилу ҳушёр,
Сӯҳбати девори пур зи нақшу нигор аст.

Замона басе панд додат, валекин,
Ту дарменаёбӣ забони замона...
Чу хона бимонду бирафтанд ишон,
Нахоҳӣ ту мондан ҳаме ҷовидона.

Эй дареғо субҳи зулматсӯзи ман,
Эй дареғо, нури рӯзафрӯзи ман.
Эй дареғо, эй дареғо, эй дареғ
Он чунон моҳе даромад зери меғ.

Оқибат ҷумлагӣ ҳалок шавем,
Ба талаб норасида хок шавем.
Эй бас ки биҷӯиву моро боз наёбӣ,
Эй бас ки биҷӯиву моро боз набинӣ.

Қиёмат он замон бошад, ки афтад
Ба хокам сояи он қадди ҷолок.
Ба хоки роҳгузораш ҷон супурдам,
Ки аз он сарвам афтад соя бар хок.

Талх аст шарбати ғами ҳиҷрону талхтар
Бар сарвқомате, ки ба ҳасрат ҷавон бирафт.
Ҳамчун шақоиқам дили хунин сиёҳ шуд,
К-он сарви ман баромаду аз бӯстон бирафт.

Аё шодӣ надида дар ҷавонӣ,
Баро аз хоки тира, гар тавонӣ,
Ки то дар сӯги худ моро бубинӣ,
Рух аз хуноба карда арғувонӣ.
Миёни хоки тира чанд бошӣ,
Ба зери хоки тира чанд монӣ?

Ҷоневу диле доштам, эй ҷони ҷаҳон,
Дар васли ту дил додаму дар ҳаҷри ту ҷон.

Чиз аз паи ҷон аст, на ҷон аз паи чиз,
Чун ҷон биравад, куҷо ба кор ояд чиз?

Айёми гулу лола ту, эй моро ёр,
Қардӣ ба дили хоку гили тира қарор.
Эй наргиси навшукуфта,
дида бикушой,
В-эй лолаи сероб,
сар аз хок барор!

Давлати гетӣ кӣ таманно кунад,
Бо кӣ вафо кард, ки бо мо кунад?

Дар даҳр як рафиқи мувофиқ наёфтам,
Умрам тамом дар талаби имтиҳон гузашт.

Илоҳӣ, фалак, хоки гулхан шавӣ,
Парешонтар аз хотири ман шавӣ.

Ҳар кӣ фаромӯш кунад некӯӣ,
Тири бало номзади ҷони ӯст.
Болиши роҳат наниҳад зери сар,
Дасти аҷал вақфи гиребони ӯст.

Рафтанд ягон-ягон фароз омадагон,
Кас менадиҳад нишони бозомадагон.

Зи оташе, ки маро дар дил аст, рӯзи вафот
Чароғи рӯи мазори ман устухони ман аст.

Гул ба сар ҳеҷ накардему баҳор охир шуд,
Бодаи айш нахӯрдему хумор охир шуд.

Ҷаҳон ҷому фалак соқӣ, аҷал май,
Халоиқ боданӯши маҷлиси вай.

Халосӣ нест асло ҳеҷ касро
Аз ин ҷому аз ин соқӣ, аз ин май.

Ғамнокаму аз кӯи ту бо ғам наравам,
Ҷуз шоду умедвору хуррам наравам.
Эй ҳазрати бечун, ту каримӣ, ҳаргиз,
Маҳрум касе нарафт, ман ҳам наравам.

Агар гардиши чарх чун осиё,
Кунад устухони маро тӯтиё,

Натобам сар аз хатти фармони ту,
Ту ҷони ману ҷони ман ҷони ту.

Ҳазор сол пас аз хоки ман чу баргузарӣ,
Зи хок наъра барорам, ки марҳабо, эй дӯст!

Эй дидаи ҷону зиндагонӣ,
Барбод шудӣ ба ройгонӣ.
Сарви қадат, эй санам, нагун шуд,
Эй моҳи рухи ту сарнагун шуд.
Зулфи ту чи тоби хок дорад?
Қас мушк ба хок чун супорад?

Дунё ба мурод ронда гир, охир чӣ?
В-ин номаи умр хонда гир, охир чӣ?
Гирам, ки ба коми дил бимонӣ сад сол,
Сад соли дигар бимонда гир, охир чӣ?

Аз базми тараб бодагусорон ҳама рафтанд,
Мо бо кӣ нишинем,
ки ёрон ҳама рафтанд.
На Қӯҳкани бесарупо монду на Маҷнун,
Аз кӯи ҷунун силсиладорон ҳама рафтанд.

Оқибат манзили мо зери замин хоҳад буд,
То қиёмат ҳамаро ҳол ҳамин хоҳад буд.

Ёрон, тариқи меҳру вафоро кӣ медиҳад?
Товони умри рафтаи моро кӣ медиҳад?
Киштӣ шикасту мардуми дида шуда ҳубоб,
Эй нохудо, ҷавоби худоро кӣ медиҳад?

Рӯзгор аст сахту бефарёд,
Кас гирифтори рӯзгор мабод.
Чун баду неки рӯзгор ҳаме
Бигзарад ин чу хоку он чун бод.

Ин ҷаҳон пойдор нест, бидон,
Ки бар обаш ниҳода шуд бунёд.

Гар бад, ар нек буд, рӯй нуҳуфт,
Аз паси мурда бад нашояд гуфт.

Некмардон ба бад инон надиҳанд,
Дӯстонро ба душманон надиҳанд.

Анҷумани ҷамъ ҳама олам аст,
Равнақи он анҷуман аз одам аст.

Дунё сарои офату ҷои махофат аст,
Оромгоҳи накбату маъвои меҳнат аст.
Ганчи мурод аз он сӯи олам талаб, чаро
Зеро ки з-ин сӯяш ҳама ранҷу машаққат аст.

Ҳар сарви сиҳӣ, ки боғбон кишт,
Охир ҳама ҳезум асту ангишт.

Зиндагӣ чист? Хуни дил хӯрдан,
Зери девори орзу мурдан.

Шаҳре, ки дар он ишқ арӯсӣ мекард,
Имрӯз вилояти сияҳпӯшон аст.

Талоши зиндагӣ умре ба хуни дил тапиданҳост,
Зи чандин марг бигзаштан, ба марги худ расиданҳост.

Хизр агар огоҳ мебуд аз азоби зиндагӣ,
Зинда мемурду наменӯшид оби зиндагӣ.

Як писар гум кард Яъқуб, ҳар ду чашмаш кӯр шуд,
Чун нагирям ман, ки як олам писар гум кардаам.

Ба худо, ки мурда бошам, гузаре кунӣ зи қабрам,
Зи лаҳад садо барорам, ки хуш омадӣ, нигорам.

Эй ки бар маркаби тозанда саворӣ, хуш дор,
Ки дигар маркабе аз пушти сарат меояд.

Ту меоӣ ба болинам, вале он дам, ки дар хокам,
Хушомад гӯямат, аммо дар оғӯши кафан гӯям.

Намурд он касе, к-аз ҷаҳон ном бурд,
Ки марди накӯном ҳаргиз намурд.

Ин теппаи хок роздор аст,
Аз умри гузашта ёдгор аст.

Нанг дорад марг аз вазъи русуми зиндагӣ,
Мурдаро карданд аз ин рӯ ҷомаи мотам сафед.

Зиндагӣ ошиқи марг аст, чӣ бояд кардан,
Ташнаи хуни худ аз оби бақоям карданд.

Фалакро ғайр аз ин худ нест коре,
Ки ёреро ҷудо созад зи ёре.

Бокӣ ба зикри хайр бувад номи одамӣ,
Номи накӯст ҳосили айёми одамӣ.

Ҳар кӣ моро ба некӣ орад ёд,
Номаш андар ҷаҳон ба некӣ бод.

Зи хокам сабза меруяд, зи хунам лола меҷӯшад,
Баҳори гулшани хуниндилон ранги дигар дорад.

Хок шав, хок то барояд гул,
Ки ба ҷуз хок нест мазҳари кул.

Аспи ту буроқу зини ту фирӯза,
Мағрур машав ба давлати серӯза.
З-ин кӯҳнаработ кас намонад бокӣ,
Имрӯз қадаҳ шикасту фардо кӯза.

Афсӯс, ки рафт нашъаи аҳди шубоб,
Сархуш нашудем як дам аз бодаи ноб.
Аз баҳри тамошои ҷаҳон ҳамчу ҳубоб
То во кардем чашм, рафтем ба хоб.

Афсӯс, ки гулрухон кафанпӯш шуданд,
В-аз хотири ҳамдигар фаромӯш шуданд.
Онон, ки ба сад забон сухан мекарданд,
Оё чӣ шуниданд, ки хомӯш шуданд.

Аз умр таманнои вафо натвон кард,
Тамкин тамаъ аз мавҷи ҳаво натвон кард.
Дар зери фалак фурсати огоҳӣ нест,
Дар хонаи дуд чашм во натвон кард.

Ин чархи ҷафопешаи фосидбунёд,
Ҳаргиз гиреҳи мушкили касро накушод.

Ҳар ҷо, ки диле дид, ки доғе дорад,
Сад доғи дигар бар сари он доғ ниҳод.

Не давлати дунё ба ситам мемонад,
Не лаззати ҳастӣ ба алам мемонад.
Не ҳафтҳазорсола шодии ҷаҳон
Бо меҳнати панҷрӯза ғам мемонад.

Не меҳру вафои дӯстдорон монад,
Не душмании кинагузорон монад.
Не маҳвашии лолаузорон монад,
Не ғамкашии синафигорон монад.

Афсӯс, ҷаҳон моя надорад имрӯз,
Бунёдгару поя надорад имрӯз.
Аз бас ҳама ростӣ ҳамин аст, эй дӯст,
Даврони касе соя надорад имрӯз.

Ғофил манишин, ки хуш замонест азиз,
Ҳар дам, ки барояд аз ту, ҷонест азиз.
Умр аст, ки омадасту хоҳад рафтан,
Зоеъ макунаш, ки меҳмонест азиз.

Маҳтобшаб асту ман шабистон мурдам,
Мардум ҳама ҷамъу ман парешон мурдам.
Мардум ҳама ҷо бо аҷали худ мурданд,
Ман дар раҳи орзуи ҷонон мурдам.

Аз дарди дилам касе хабардор нашуд,
Қас воқифи асрори мани зор нашуд.
Рафтам зи ҷаҳон касе суроғам нагирифт,
Ман хуфтаму бахти хуфта бедор нашуд.

Рафтам ба сари қабри шаҳаншоҳи Яман,
Ӯ даст баровард ба ман дод кафан.

Гуфто, ки аз ин саховатам айб макун,
Аз моли ҷаҳон ҳамин расидаст ба ман.

Айёми ҷавонӣ, ки тарабро дом аст,
Чун партави маҳтоби фарози бом аст.
Ин ҳастии мавҳум, ки умраш ном аст,
Зарби сари нохуну садои ҷом аст.

Маншин ту турушрӯй, ки биншонандат,
Қасро намаранҷон,
ки биранҷонандат.
Дар рӯи замин зеризаминвор бизӣ,
То рӯи замин рӯй нагардонандат.

Эй дида, агар кӯр най, гӯр бубин,
Ин олами пурфитнаву пуршӯр бубин.
Шоҳону сарону сарварон зери гиланд,
Рӯҳои чу маҳ дар даҳани мӯр бубин.

Рафтам тан хоку дарди ёрам боқист,
В-аз бодаи ишқи ӯ хуморам боқист.
Наргис бидамид бар мазорам чу гиёҳ,
Яъне, ки ҳанӯз интизорам боқист.

Эй модар, агар дастрасе доштаме,
Санги сияҳ аз гӯри ту бардоштаме.
Худро гилу хоки тира пиндоштаме,
Танҳот ба зери хок нагзоштаме!

Аз аҳбаи Толиқон касе тир нашуд*,
Аз хӯрдани одамӣ замин сер нашуд.
Биё биравем пеши султони аҷал:
Мурдан, ки ҳақ аст, чаро ҷавон пир нашуд?

---

* *Тир нашуд — нагузашт, убур накард*

Чанде ба хаёли ину онам бигузашт,
Чанде ба ғами суду зиёнам бигузашт.
Бе ҳеҷ амал рӯзу шабонам бигузашт,
Алқисса, ки умр ройгонам бигузашт.

Ҳаққо, ки ҳама хидмати махлуқ хатост,
Харчанд вафо кунӣ, мукофот ҷафост.
Сад сол асири дар камон бошӣ рост,
Як лаҳза хато кунӣ,
ҳама умр хатост.

Зинҳор дар ин доираи печопеч,
Чун мор зи ҳар ҳодиса бар хеш мапеч.
Дар аввалу охири ҷаҳон нек нигар,
Аввал ҳама ҳеҷ буду охир ҳама ҳеҷ.

Мо ҳеҷ, замона ҳеҷ, дунё ҳама ҳеҷ,
Эй ҳеҷ, зи баҳри ҳеҷ, бар ҳеҷ мапеч.
Донӣ ки зи одамӣ чи боқӣ монад?
Меҳр асту муҳаббат асту боқӣ ҳама ҳеҷ.

Ман худ шудаам чу боиси куштани хеш,
Беҳуда чӣ шиква созам аз душмани хеш.
Худ хуни худам фиканда бар гардани хеш,
Дар рӯзи ҷазо дасти ману домани хеш.

Эй нури ду дидаи ҷаҳонафрӯзам,
Дур аз ту чунон сиёҳ гашта рӯзам.
Будем ду шамъ харду дар як маҳфил,
Айём туро бикушту ман месӯзам.

Эй он, ки раҳимиву каримиву ҳамид,
Бар даргаҳи раҳматат задам дасти умед.

Сӯи ту гурезон шудам аз нафсу ҳаво,
Дасти ману домани ту, эй рабби маҷид!

Мавлои каримиву ҳамидиву маҷид,
Оқои маниву такягоҳи уммед.
Эй ғояти орзуи ман дар ду саро,
Дорам зи ту уммеди биҳишти ҷовид.

Оне, ки туӣ бар ҳаман шоҳон шоҳ,
Дар дасти ту аст хайрҳо, ё оллоҳ.
Бар ҳар чизе туӣ тавоно, эй дӯст,
Аз баҳри карам намо ба ин банда нигоҳ.

Он гаҳ зи кафан шунав навоҳои маро,
Бипзир ба лутфи худ гунаҳҳои маро.
Уммеди маро раво кун аз фазлу карам,
Дар ҷаннати фирдавс бидеҳ ҷои маро.

Эй он, ки ба мулки хеш поянда туӣ,
Дар зулмати шаб субҳнамоянда туӣ.
Дарҳои умед бар рухам баста шуданд,
Бикшой, худоё, ки кушоянда туӣ.

Оне ту, ки ҳоли дили нолон донӣ,
Аҳволи дили шикастаболон донӣ.
Гар хонамат аз синаи сӯзон, шунавӣ,
В-ар дам назанам, забони лолон донӣ.

Аввал ҳама ҷоми ошноӣ додӣ,
Охир ба ситам заҳри ҷудоӣ додӣ.
Чун кушта шудам, нагуфтӣ ин куштан кист?
Дод аз ту, ки доди бевафоӣ додӣ.

Сад масҷиду сад работ обод куниӣ,
Сад банда ба зар харида озод куниӣ.

Сад сол ба рӯза бошию шаб ба намоз,
Беҳ з-он набувад, ки як диле шод кунӣ.

Эй сина, зи оҳ баркашидан мондӣ,
В-эй ашк, ба рӯям аз давидан мондӣ.
Эй дил, магар аз фироқи ӯ ҷон додӣ,
Қ-осуда шудию аз тапидан мондӣ.

Аз ҳосили умр агар касе ёд кунад,
Шармаш бодо, ки хона обод кунад.
Дидам, ки ба дасти бод будаст ҷаҳон,
Беақл касе, ки такя бар бод кунад.

Дунёро ба худ вафо надидему гузашт,
Ангушти пушаймонӣ газидему гузашт.
Дунё бод асту мо чу боди саҳарем,
Як субҳдаме дар ӯ вазидем гузашт.

Шабҳо ҳама шаб дарди туро нола кунам,
Дар кунҷи лаҳад ёди ту, ҷонона, кунам.
Сад сол гузарад, ба сӯи хокам ой,
Бӯи ту расад, кафана сад пора кунам.

Ман мемураме, фасли баҳорон бошад,
Дар мурдани ман хешу таборон бошад.
Эй хешу табор, гӯрам кунед зуди ба зуд,
Тобути маро қалам занед сурху кабуд.

Дар хирмани дашт донае нест маро,
Омад аҷале, баҳонае нест маро.
Омад аҷалею сар ба болин кардам,
Сад вою дареғ, нишонае нест маро.

Дунё барбод, кори дунё барбод,
Бечора касе, ки дил ба дунё медод.

Ҳар кас, ки ба ин хирмани мо орад рӯ,
Қоҳаш ба замин резаду донаш бар бод.

Ку дӯст, ки қадри ёри ҳамдам донад?
Ку сӯхтадил, ки қиммати ғам донад?
Одам зи куҷост, хоки одам зи куҷост?
Одам бошад, ки қадри одам донад!

Дунё ба мисоли тири партофтанист,
Дар ковиши ӯ машав, ки нокофтанист.
Ҳар чиз талаб кунӣ, аз ӯ хоҳӣ ёфт,
Ҷуз сӯҳбати дӯстон, ки ноёфтанист.

Дар ғурбат агар марг расад бар бадани ман,
Ку модари дилсӯз, ки дӯзад кафани ман?
Тобути маро ҷои баланде бигузоред,
Шояд, ки расад бӯи Ватан дар бадани ман.

Сари кӯи баланд буд хонаи ман,
Фалак тире зада бар шонаи ман,
Фалак тире зада, пайкон надорад,
Ба ҳасрат пур шуда паймонаи ман.

Баҳор омад ҳам аз кӯҳу ҳам аз дашт,
Баҳори умри ман беҳуда бигзашт.
Сари гӯри маро сунбул бикоред,
Ки шояд дилбарам ояд ба гулгашт.

Фалак парвои симу зар надорад,
Фалак парвои пайғамбар надорад.
Аҷаб расмест расми одамизод,
Ки ҷонаш меравад, бовар надорад.

Фалакро бин чӣ зулми норавo кард,
Туро аз ман, маро аз ту ҷудо кард.

Ғами олам ҳама реги биёбон —
Фалак барчиду бар домони мо кард.

Чу ман мурдам, ту ҳай-ҳай бештар кун,
Бикаш кимхову зоғиро ба бар кун.
Зи баъди мурдани бечора ошиқ,
Ту ҳар хоке, ки мехоҳӣ, ба сар кун.

Ба гӯристон гузар кардам сабоҳе,
Шунидам нолаву фарёду оҳе.
Шунидам каллае бо хок мегуфт,
Қи ин дунё намеарзад ба коҳе.

Ба қабристон гузар кардам каму беш,
Бидидам қабри давлатманду дарвеш.
На рафта бекафан дарвеш бар хок,
На давлатманд бурда як кафан беш.

Агар зарринкулоҳӣ, оқибат ҳеч,
Агар дар тахт шоҳӣ, оқибат ҳеч.
Гарат мулки Сулаймон дар нигин аст,
Дар охир хоки роҳӣ, оқибат ҳеч.

Асири ҳарду чашмони ту ҳастам,
Хами зулфи ту, ҷоно, карда пастам.
Даруни гӯр андар бистари марг,
Бувад андар гиребони ту дастам.

Ҳамон рӯзе, ки рафтӣ аз бари ман,
Парида бози давлат аз сари ман.
Тамоми хоки одамро бубезӣ,
Наёбӣ дар ҷаҳон хокистари ман.

Чӣ шуд гар хотири хуррам надорам,
Ғами ишқи ту дорам, ғам надорам.

Чу ман мурдам, макун мотам ба маргам,
Шаҳиди бекасам, мотам надорам.

Агар шерӣ, агар бабрӣ, агар гур,
Саранҷомат бувад ҷо дар таҳи гӯр.
Танат дар гӯр гардад суфрагустар,
Ба гирдаш мушу мору акрабу мӯр.

Ҷудой офати ҷонам шуд охир,
Ҷудой дарди пинҳонам шуд охир.
Бирафтӣ аз канорам, ҷони ман рафт,
Ҷудой марги осонам шуд охир.

Агар бори гарон будем, рафтем,
Агар номеҳрубон будем, рафтем.
Шумо дар хонумони худ бимонед,
Ки мо бехонумон будем, рафтем.

Дили ман з-ин ҳама ғамҳо фисурдаст,
Тавонамро ғами ишқи ту бурдаст.
Дареғо, рӯзе ой бар сари ман,
Чароғи умри ман бинӣ, ки мурдаст.

Ғами ишқат ба ҷонам монда реша,
Ба даргоҳи худо нолам ҳамеша.
Ба даргоҳи худо нолам, чӣ ҳосил?
Аҷал сангасту одам мисли шиша.

Обменно-резервный фонд
ГБ Таджик. ССР им. А. Фирдоуси
№ 4